13 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК АЗ ОСИЁ с.10

ЧАРО НОМҲОИ ОРИЁЙ БА АРАБӢ ТАБДИЛ ШУДАНД? с.6

ТУРКМАНИСТОН “ДАРВОЗИ ДӮЗАХ”-РО МЕБАНДАД с.4

ТОҶИКИСТОН

№24 (1535)
14.06.23


~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



Карим Замонӣ:

МАВЛОНО АЗ ВАХШ АСТ

ДАЛЕЛЕ, КИ РАДНОПАЗИР АСТ



ДАР ИН ШУМОРА:

АЛИФ БОНК
Чаро Бонки миллӣ онро ҷарима баст? с.2

АНДОЗ АЗ GOOGLE
Қирғизистон 600 ҳазор доллар даромад гирифт. Тоҷикистон чӣ? с.4

“РАДИ ГАЛОЧКИ”
Дар боби як қарори духӯра дар вилояти Суғд с.3

ПОЙТАХТ
Мушкили беобӣ кай ҳал мешавад? с.5

АҲМАД ЗОҲИР
Хайри ӯ беморро аз марг наҷот дод с.6

2022
69 ноболиғ даст ба худкушӣ задаанд с.11

ҲОМИД МАҶИДОВ
Ёде аз мубаллиғи забони адабӣ с.9

ФИРОР АЗ ГАРМӢ
Киҳо аз нури офтоб бояд пинҳон шаванд? с.12

ВАРЗИШ
Паҳлавонони тоҷик дар Гранд Слами Қазоқистон ширкат мекунанд с.10

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии “Ҳисор мол” бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ “ҲИСОР МОЛ” ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ БЕ ЯГОН ФОИЗИ ИЛОВАГӢ СУПОРЕД

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 (372) 221-85-85 +992 887-00-31-33 | 00-277-33-55 | 301-99-99-99

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

"АЛИФ БОНК"-ро БОЗ ҶАРИМА БАСТАНД

Бонки миллии Тоҷикистон "Алиф Бонк"-ро пас аз ёфтани чанд камбудӣ дар фаъолият таш ҷарима баста, ҳамчунин, анҷоми ду намуди амалиётро маҳдуд кардааст.

Гуланор Атобек, раиси "Алиф Бонк" дар шабакаҳои иҷтимоӣ навишт, ки ниҳоди танзимгари соҳа дар натиҷаи санҷиши фаъолияти дусолаи бонк, нодуруст анҷом додани амалиётҳои хазинавию муҳосибӣ ва асъорӣ, камбудиҳои чиддӣ дар раванди қонунигардонии маблағҳо, нодуруст пешниҳод намудани ҳисобот оид ба амалиётҳои асъорӣ ва номукаммалии ҳуҷҷатгузорӣ аз рӯи баъзе амалиётҳоро ошкор кард.

Бонки миллӣ дар баробари 600 ҳазор сомонӣ ҷарима, ҳамчунин, анҷом додани ду намуди амалиёт - қонунигардонии маблағҳои шахрвандонро мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи афв бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва амалиётҳои мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ барои ширкатҳо, яъне шахсони ҳуқуқӣ дар давоми 3 моҳ, ба истиснои баъзе намуди амалиётҳо барои бонк маҳдуд кардааст.

Гуланор Атобек гуфт, ки аллакай қисме аз норасоиҳоро ислоҳ карда, ҳаракат мекунанд, то охири сол боқимондаашро низ дар асоси нақша-чорабинии таҳияшуда ислоҳ намоянд.

Ёдовар мешавем, ки соли 2020 низ Бонки миллӣ "Алиф Бонк"-ро ним миллион сомонӣ ҷарима карда буд. Сабаби ин дар фаъол набудани шӯрои нозирон, кумитаи аудит ва кумитаи идоракунии хавфҳо арзёбӣ шуда буд. Ин дар ҳолатест, ки муштариён аз фаъолияти "Алиф Бонк" қаноатманданд.



Гуланор Атобек, раиси "Алиф Бонк"

ПРЕЗИДЕНТИ БОР БА "АҶИНАТЕППА" МАРОҚ ЗОҲИР КАРД

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид президенти Бонки Осиёии Рушд Масатсугу Асакава ва ҳайати ҳамроҳонашро ба тамошои мавзеи таърихии «Аҷинатеппа», воқеъ дар ноҳияи Вахш бурд.

Президенти Бонки Осиёии Рушд ҷаноби Масатсугу Асакава чиҳати таъмир ва ба як базаи сайёҳӣ табдил додани ин макон мароқ зоҳир намуда, иброз доштааст, ки метавон дар натиҷаи корбурди хуб лоиҳаҳоро дар ин самт низ татбиқ намуд.

Гуфта мешавад, ки «Аҷинатеппа» боқимондаи ёдгории меъмории дини буддоӣ буда, мувофиқи таҳқиқи бостоншиносон, бутхона дар нимаи дуюми асри VII ва ибтидои асри VIII фаъолият дошт.

"Аҷинатеппа"-ро дар ноҳияи Вахш соли 1959 бостоншинос Т. И. Зеймал ҳафр кардааст. Дар ин мавзеъ муҷассамаи 14-метраи якпаҳлухобидаи Буддо дар ҳолати нирвана ва дар тоқчаҳо муҷассамаҳои хурди буддои нишаста ёфт шудаанд.

СОДИРОТИ ТАРБУЗ АФЗОИШ ЁФТУ НАРХ ГАРОН

Содироти тарбузи барвақтӣ аз Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ назар ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 баробар афзудааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки ҳанӯз мавсими аслии ҳосилбардории он фаро нарасида, дар бозорҳои кишвар нарх гарон аст.

Вазорати кишоварзии Тоҷикистон хабар додааст, ки имсол дар қиёс бо соли гузашта содироти тарбуз зиёд шуда, ҳосилнокӣ низ афзудааст. Дар Тоҷикистон имсол дар масоҳати 14 ҳазору 674 гектар тарбуз кишт шудааст, ки 1 ҳазору 305 гектари он бо ҳосилнокии миёнаи 306 сентнер ҷамъоварӣ шуда, ҳосили умумӣ 39 ҳазору 984 тоннаро ташкил додааст. Аз ин миқдор то якуми июни соли равон 539 тонна тарбуз ба хориҷ, қабл аз ҳама Русияву Қазоқистон содирот шудааст.

МУЗОКИРОТИ 6-РӮЗАИ МАСОИЛИ МАРЗ ДАР ДУШАНБЕ

Намояндаҳои Тоҷикистону Қирғизистон давоми шаш рӯз дар шаҳри Душанбе масъалаи муайян ва аломатгузорӣ кардани марзро баррасӣ кардаанд.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мегӯяд, ки дар асоси мувофиқаи бадастомадаи тарафҳо, рӯзҳои 5 - 11-уми июни соли 2023 дар шаҳри Душанбе вохӯрии навбатии гурӯҳҳои корӣ топографии ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ баргузор гардид. Ҷузъиёти бештар аз машварати шашрӯзаи намояндагони ду кишвар расонаӣ нашудааст. Аммо танҳо таъкид шудааст, ки вохӯрӣ дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ баргузор гардид.

Ёдовар мешавем, ки ахиран баҳси марзӣ аз мавзуҳои асосии музокироти саронаи давлатҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар Бишкек низ буд. Президентҳо аз мувофиқа шудани лоиҳаи сарҳади давлатии байни ду кишвар ба дарозии тақрибан 626 километр изҳори қаноатмандӣ кардаанд. Аз ҷумла, таъкид шудааст, ки аз ин 102 километри он дар 1,5 соли охир муайян шуд. Роҳбарони ду давлат дар мавриди дурнамо изҳор доштаанд, ки музокирот ва чустучӯи роҳи ҳалли барои тарафайн мақбул бояд дар заминаи эҳтиром ва эътимод идома дода шавад.

САРИ САБЗ



Карамотулло МИРЗО,
Нависандаи халқии Тоҷикистон

- Дуои Ҳабибулло Назаров Ато Ҳамдамро рӯзноманигор ва сардабири маъруф, нависанда ва драматурги шинохта, ходими содиқи давлатӣ ва наҳустин вазири фарҳанги бофарҳанг кард. Имрӯз Ато Ҳамдам сараш баланд ва вичдонаш дар назди худ, халқ ва ватанаш ором аст.

- Эҳа, устоди азиз, магар баъд аз даврааи вазирии Ато Ҳамдам то имрӯз дигар вазирони фарҳанг бофарҳанг нестанд!? Ё манзуратон "бофарҳангтар" гуфтан аст?



Амал ҲОФИЗОВА,
сароянди ҷавони тоҷик

- Вокал маънои ҳаёти ман аст, аммо ба ҷуз аз сароянди бо нуҷум ва кортҳои таро низ шуғл дорам. Тарои ман бештар дар заминаи равоншиносӣ мебошад, зеро ба ҳар гуна фолбинӣ ва тасаввуф бовар надорам.

- Ҳама мисли шумо не-дия! Баъзеҳо ба фолбиниву фолбинҳо аз худашону Худо дида зиёдтар бовар мекунанд. Барои ҳамин, дудаста аз домони вокал доред, беҳтар аст.



Муллозуҳур ТОҲИРӢ,
табиби дилшинос, руҳшинос ва гиёҳпизишк

- Маблағ муаммои саломатии инсонро ҳал намекунад. Масалан, ман чор мошин доштам. 5 сол инҷониб бошад, мошин надорам. Охирон мошинамро вайрон карда арғунчак сохтам. Ҳамин мошинҳо маро касал карданд.

- Иии, агар ки маблағ муаммои саломатии инсонро ҳал накунад, чаро мошинҳо шуморо касал мекардаанд? Ё ҳар чор мошинатон бе маблағ буданд?

Карим Замонӣ:

МАВЛОНО АЗ ВАХШ АСТ!

Далеле, ки раднопазир аст

Карим Замонӣ, мавлоношиноси маъруф, муаллифи “Шарҳи ҷомеи Маснавии маънавӣ”, “Шарҳи комили “Фиҳӣ мо фиҳӣ”, “Шарҳи “Девони Шамс”, китобҳои “Бар лаби дарёи “Маснавии Маънавӣ” ва “Миногари ишқ” меҳмони Тоҷикистон буд. Ҳамчунин, ӯ аз ноҳияи Вахш, ки зодгоҳи Мавлоно Ҷалолиддини Румист, дидан кард.



Бо доктор Карим Замонӣ ва ҳамсараш Шукуҳсодот Хонсоринажод

Ҷустуҷӯйи зодгоҳи Мавлоно

- Оқои Карим Замонӣ, чӣ бардоште аз сафари Тоҷикистон доред?

- Ман ин сафарро сафари ишқ номидам. Зеро солҳо дар қалбам орзуи дидани зодгоҳи Мавлоноро мепарварадам. Ҷаноби Низомиддин Зоҳидӣ - Сафири муҳтарами Тоҷикистон дар Эрон ба мо муҳаббат карду визо дод ва мо бо ҳамсарам хонум Шукуҳсодот Хонсоринажод, ки низ шефтаи Мавлоност, ба Тоҷикистон омадем. Вақте ба Вахш расидам, гӯё аз замину замон канда шудам. Он ҷо хонаҳои намодиро ҳам мувофиқ ба замони зиндагии Мавлоно сохтаанд, ки фазои он рӯзгоронро таҷассум мекунад. Ман комилан худро дар замони кӯдакиҳои Мавлоно тасаввур кардам. Хеле ин сафар барои ман хотирмон буд. Ҳамчунин, ба зиёрати Оромгоҳи Устод Рӯдакӣ низ шарафёб шудам.

- Шумо ноҳияи Вахшро зодгоҳи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ арзёбӣ мекунед, ҳол он ки, дар аксари манбаъҳо гуфта мешавад, ки Балх макони таваллуди ӯст.

- Бале, банда дар заминаи мутолиоту таҳқиқот ба чунин натиҷа расидам. Албатта, пеш аз ман низ бузургоне ба ин ишора кардаанд. Дар манобеъи таърихӣ - тазкираву маноқибҳо навишта шудааст, ки Мавлоно дар Балх зода шудааст. Ин ба он далел аст, ки ҷуғрофиёи Балх он замон васеъ ва Вахш низ ҷузъе аз он сарзамин буд. Дар тазкираҳо номи куллии Балхро овардаанд, дигар вориди ҷузъиёт нашудаанд.

- Пас, шумо дар кадом асос ба хулоса омадед, ки Мавлоно маҳз дар Вахш таваллуд шудааст?

- Ман вақте “Маъориф”-и ҳазрати Султон-ул-уламо - падари Ҷалолуддини Балхиро мутолиа мекардам, ба ин далел воҳӯрдам. Эшон сареҳан менависанд, ки ман алъон дар Вахш ҳастам ва гилоя аз он мекунанд, ки мухотабонашон маҳдуд аст ва орзу мекунанд, ки эй кош дар Бағдод ё Самарқанд мебудам, ки мухотабони бештаре медоштам...

Корвоне, ки Мавлоноро мебурд...

- Яъне хонаводаи Мавлоно қабл аз ҳамлаи муғул қасди тарки Балхро доштанд?

- Дар бисёре аз навиштаҳо мегӯянд, ки падари Мавлоно Султон-ул-уламо пас аз ҳамлаи муғул Балхро тарк кард. Дар ҳоле, ки он ҳазрат ҳанӯз дар соли 600-и ҳичрӣ мегӯяд, ки мехоҳам аз ин фазои баста биравам. Яъне ҳичрати ӯ ангезаи фарҳангӣ дошт. Вақте ӯ Балхро тарк мекард, аз таҳдиди ҳамлаи муғул ҳатто суҳбат дар миён набуд. Дар маноқибҳо менависанд, ки 300 шутур бори ин қофиларо мекашонид. Албатта, ин ҷо каме муболиға аст. Вақҳи муболиғаашро ҳазф мекунему мегӯем 200 шутур, 200 на, 100 шутур. Ҳаракати корвоне иборат аз 100 шутур бо бору ҳамроҳон, ки миёнашон кӯдак, зан, солхӯрда ва беморон ҳастанд, бисёр сангин аст. Агар ҳичрати Султон-ул-уламо дар замони ҳамлаи муғул мебуд, барои лашкар душвор набуд, ки ин қофиларо бозадорад ва тороҷ кунад. Ҳол он ки, аз манобеъи таърихӣ бармеояд, ки дар он даврон байни Хоразмшоҳ ва Чингизхон сулҳу салоҳ буд. Бинобар ин, метавон бо боварӣ гуфт, ки ҳичрати Султон-ул-уламо ба ҳамлаи муғул рабте надошт. Он замон дар Балх ҷараёнҳое буданд, ки фазоро барои Султон-ул-уламо танг карда буданд. Яке аз онҳо машраби каломии Имом Фахри Розӣ буд, ки ба тасаввуф назари нек надошт...

- Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ - муаллифи китоби «Фарҳанги мардумии осори Мавлавӣ» менависад, ки Мавлоно муддате дар Самарқанд иқомат дошт. Ба ин далел чӣ назар доред?

- Бале, дуруст аст. Мавлоно Дар “Фиҳӣ мо фиҳӣ” мегӯяд, ки ман дар Самарқанд будам, Хоразмшоҳ шаҳрро муҳосира карда буд ва духтари ҷавону дар ғояти ҷамол аз Худованд тақозо мекард, ки ба чанги Хоразмшоҳ наафтад ва ӯ наҷот меёбад. Таърихи ибни Асир ва дигар кутуби таърихӣ, ки ҳамлаи Хоразмшоҳро ба Самарқанд муфассал навиштаанд, соли ҳамларо 607 ё 609-и ҳичрӣ зикр мекунанд. Аз ин бармеояд, ки он замон Мавлоно 5 ё 7-сола буд. Яъне онҳо он ҷо зиёд намонданд. Мутаассифона, сайри ҳаракати маконӣ ва ҷуғрофии корвонеро, ки Мавлоноро мебурд, муаррихон муфассал нанавиштаанд.

- Чаро Султон-ул-уламо баpressa.tj

Султон-ул-уламо - падари Ҷалолуддини Балхи менависанд, ки ман алъон дар Вахш ҳастам ва гилоя аз он мекунанд, ки мухотабонашон маҳдуд аст ва орзу мекунанд, ки эй кош дар Бағдод ё Самарқанд мебудам, ки мухотабони бештаре медоштам...

рои иқомат Анатолии Туркияро интихоб кард?

- Салотини салҷуқӣ гароиши хосе ба фарҳанг доштанд. Анатолии он замон, ки баъдан Қуния ном гирифт, паноҳгоҳи орифоне буд, ки дар муҳитҳои худашон роҳат набуданд. Мегурехтанд ва ин ҷо паноҳ мебурданд. Дар Анатолӣ фарҳангҳои мухталиф ва адёни мухталиф канори ҳам дар осоиш мезистанд. Ибни Арабӣ қабл аз Мавлоно меравад ба Қуния ва мушоҳида мекунад, ки адёни мухталиф озод ҳастанд, касе барои ақидаву динаш дучори мушкил ва ё таҳқир намешавад. Ӯ ба ин тааҷҷуб мекунад ва каме ҳам нороҳат мешавад. Ҳатто ба амир нома менависад. Барои афкори ирфонӣ дар ҷойҳои дигар фазои мусоид набуд, таҳаммул надоштанд, пайравони тасаввуфро дар бисёре аз шаҳрҳо озор медоданд ва ҳатто мекуштанд. Вале дар Қуния чунин мушкил набуд. Амирони салҷуқӣ ҳам таассуб надоштанд, балки бо ҳама мадоро мекарданд...

Ирфони Мавлоно

- Устод Мавлоно бо вуҷуди он ки як орифу сӯфӣ аст, як шахсияти чандфарҳангӣ мебошад. Чӣ омил боис шуд, ки андешаи Мавлоно чунин шакл бигирад?

- Бубинед, вақте Мавлоно вориди Анатолӣ мешавад, дар он ҷо ҳанӯз фарҳанги юнонӣ мусаллат ва забони юнонӣ роиҷ буд. Мавлонои кӯчак бо ин ҳушу заковат забони юнониро ёд мегирад. Забони туркиву арманиро низ меомӯзад. Забони арабиро низ ба таври комил фаро мегирад. Дар “Девони Шамс” ман ҳисоб кардам, ки 1000 байти арабӣ дорад. Яъне Мавлоно ҳамаи ин забонҳоро медонист, вале ба забони форсӣ шеър мегӯяд. Ин бисёр аҷиб аст. Таъсири ҳамин гуногунфарҳангӣ буд, ки Мавлоно як шахсияти чандфарҳангӣ ба воя расид.

- Ҷомеаи ҷаҳон имрӯз ба осори Мавлоно зиёд таваҷҷуҳ дорад. Асрори ин алоқамандӣ дар чист?

- Дар ҷаҳон шахсиятҳои илмиву маърифатӣ зиёд ҳастанд, вале инҳо махсуси фирқа ва дини худанд. Вале Мавлоно андешаманду мутафаккирест, ки ваҷҳи умумӣ дорад, масоиле, ки баррасӣ мекунад, масоили башарӣ аст, фирқавӣ нест. Аслан Мавлоно аз фирқаву фирқабозӣ ҳарф назадааст. Мавлоно мутааллиқ ба башарият аст. Афкораш ҷанбаи ҷаҳонватанӣ дорад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

▸▸ *Мавқеъ*



Фазлиддин АСОЗОДА

“РАДИ ГАЛОЧКИ”?

Дар боби як қарори духӯра дар вилояти Суғд

Имсол ҳавои гарму дими дамгир барвақттар фаро расид. Шояд ҳамин боис гардид, ки акнун баъзе тасмимҳои булаҷабу “дамгиркунанда” ба мушоҳида расида истодаанд.

Чанд рӯз пеш овоза шуд, ки сардухтури давлатии санитарии вилояти Суғд бо судури як қарор фурӯши чанд навъи маҳсулотро бо назардошти муҳлати нобудшавии онҳо дар қаламрави вилоят манъ кардааст. Дар ин қарор гуфта шудааст, ки “аз 17-уми май то 1-уми сентябри соли 2023 фурӯши маҳсулоти зуднобудшаванда, ба монанди сихкабоби қиммагӣ, маҳсулоти қаннодии кремдор, обҳои ташнагишикани худсохт ва консерваҳои хонагӣ манъ карда шавад”. Мақсади асосии ин тасмим пешгирии бемориҳои шадиди меъдаю рӯда ва захролудшавӣ гуфта шудааст.

Аз ин қарори духӯра кӣ чӣ хулоса бароварда? Дигаронро намедонам, вале банда ҳеҷ сарфаҳм нарафтам. Нафаҳмидам, ки фурӯши маҳсулоти аллакай санҷидашудаи сертификату хулоса надошта манъ карда шуда бошад, ё ин қарори духӯра ҳамту, ба таври умумӣ, аз ноилоҷӣ, “ради галочки” бароварда шудааст!? Агар ҳа, пас ҳамон мақоли “ба ҷойи салла калла овардан” ҳоким шудаву маҳсулоти бесертификат аз зери назорат дур мондан мегиранд. Яъне бо чунин қарори “сарамдилам” наметавон аз ворид шудани маҳсулоти бесифату ғайрисанитарӣ ба бозор пешгирӣ кард.

Дигар бадии кор ин ки, қарори духӯраи мазкур метавонад барои фасодкориҳои зиёде замина ба вуҷуд орад.

Ба ҳамин хотир, ин қарор бояд таъҷилан лағв карда ва бо каме тағйир, яъне мушаххасан дар самти санҷиши маҳсулоти мавриди назар қарори нав қабул шавад. Ногуфта намонад, ки дар ин самт бояд “Тоҷикстандарт” ҳам аз пайи кор ва фаъол бошад. Дар ин сурат, сарусадову бонгу изтиробҳои мавсимӣ оид ба нақзи ҳуқуқи фурӯшандаҳову истеъмолгарон камтар ба гӯш хоҳад расид.

Ё не?

▸▸ *Афғонистон*

БО ПУЛИ МАСЪУД

Толибон хонаи сафири Афғонистонро оташ заданд

Рӯзи 11 июн дар Панҷшер хонаи Муҳаммад Зоҳир Ағбар, сафири Афғонистон дар Тоҷикистонро оташ задаанд.

Муҳаммад Зоҳир Ағбар дар таъйиди ин хабар гуфт:

“Ин манзили меросии падарам аст, ки соли 1998 банда бо 4,5 ҳазор доллар кумаки молии Омир соҳиб Аҳмадшоҳи Масъуд дар замони муқовимати аввал ва аз тариқи ҳашар сохта будем. Хонае мумкин аст дар оташ сӯхта шавад, аммо руху иродаи мо сӯхтанӣ нест”.

Хонаи Муҳаммад Зоҳир Ағбар пас аз суқути дараи Панҷшер ба дасти Толибҳо афтод, дар сентябри соли 2021 ба қароргоҳи низомии гурӯҳ табдил ёфта, дар он фармондеҳи қандаҳорие ба номи Сайёд бо афродаш будубош дошт.

▸▸ *Тасмим*

"ДАРВОЗАИ ДӮЗАХ"

Туркманистон онро мебандад

Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, раиси парлумони Туркманистон ба мақомҳои ин кишвар дастур додааст, ки сӯхторро дар як чоҳи нафт дар минтақаи Қароқум, ки ба номи “Дарвозаи дӯзах” маъруф аст, хомӯш кунанд.

Туркманистон барои хомӯш кардани оташ дар ин чоҳ аз Амрико мадад хостааст. "Дарвозаи дӯзах" дар 260-километрии Ишқобод, пойтахти Туркманистон ҷойгир аст. Он 70 метр дарозӣ ва 20 метр чуқурӣ дорад ва дар ҷараёни истихроҷи газ дар соли 1971 ба вуҷуд омад. Ин чоҳ яке аз маконҳои диданӣ барои сайёҳони хориҷӣ аст, вале коршиносон мегӯянд, ки ин оташ осебҳоеро ба муҳити зист ба бор меорад ва саломатии сокинони минтақаро ба хатар меандозад.

▸▸ *Иқтисод*

АНДОЗ АЗ GOOGLE

Қирғизистон 600 ҳазор доллар даромад гирифт. Тоҷикистон чӣ?



Дар 4 моҳи аввали соли равон аз ширкатҳои бузурги хориҷии IT ба буҷети Қирғизистон зиёда аз 58,5 млн сом (668 ҳазор доллар) маблағ ворид шудааст. Дар ин бора Akchabar.kg хабар медиҳад.

Гуфта мешавад, ки маблағи мазкур 24,5 маротиба зиёдтар аз нишондиҳандаи 4 моҳи аввали соли 2022 (2,4 млн сом ё худ 27 ҳазор доллар) аст. Бино ба маълумоти Хадамоти давлатии андози Қирғизистон, соли гузашта танҳо ширкатҳои бузурги хориҷии IT (технологияҳои иттилоотӣ), аз қабили Яндекс Go ва Adobe ба буҷети ҷумҳурӣ беш аз 85 млн сом (970 ҳазор доллар) маблағ интиқол додаанд.

“Шумораи андозсупорандагон (резидентҳо) ҳам зиёд мешавад. Агар дар нимаи моҳи октябри соли 2022-юм 15 корхонаи хориҷӣ ба сифати андозсупоранда ба қайд гирифта шуда буданд, пас дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар рӯйхати мазкур 39 ширкат номнавис шудаанд”, – менависад манбаъ. “Андоз аз Google” аз 1-уми январи соли 2022 ҷорӣ шуда буд.

Дар Тоҷикистон низ ин навъи андозбандӣ ҷорӣ шудааст.

Ширкатҳои хориҷӣ, аз қабили Google, YouTube, Facebook, Instagram, Apple ва дигарон соли 2021 ба Тоҷикистон зиёда аз 2 млн сомонӣ (беш аз 159,9 ҳазор доллар) ААИ аз ҳисоби даромад аз хидматрасониҳои электронӣ пардохт намуда буданд. Дар зарфи 6 моҳи соли 2022 аз ҳисоби ширкатҳои хориҷии машғул ба пешниҳоди хидматрасониҳои электронӣ дар Тоҷикистон ба буҷети давлатии ҷумҳурӣ зиёда аз 1,5 млн сомонӣ (146 ҳазор доллар) ААИ пардохт гардида буд. Маълумоти соли гузашта ва ҳамчунин давраи панҷ моҳи соли равон дар ин бора дастрас нест.

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз, то 1-уми августи соли 2022 дар низоми андози Тоҷикистон 23 ширкати хориҷии машғул ба хидматрасонии электронӣ, аз ҷумла Google Commerce Limited, Meta Platforms Irland Limited, Apple Distribution International Limited, Netflix International B.V., Amazon Web Services EMEA SARL ва дигарон ба қайд гирифта шудаанд.

▸▸ *Бунёдкорӣ*



АЗ БУНЁДИ 7 КОРХОНА ТО ХАРҶИ 250 ҲАЗОР ТОННА АСФАЛТ

НИГОҲДОРИИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД ФАЪОЛИЯТИ ГУНОГУНҶАНБА БУДА, НА ҲАМА ДАР БОРАИ МАХСУСИЯТ ВА НОЗУКИҲОИ ОН МАЪЛУМОТИ КОФӢ ДОРАНД.

Хоса, дар бораи нигоҳдории роҳи Душанбе-Чаноқ, ки нигоҳдориаш ба зиммаи IRS аст. Филиали ин ширкат масъули 348 километр роҳ аст, ки бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ нигоҳубини 24-соатаро талаб менамояд. Дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он мушкилии зиёд рӯйи кор меояд.

Агар дар фасли тирамоҳу зимистон кормандони IRS ба бартараф намудани тармаҳо, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш машғул шаванд, дар мавсими гармо таъмиру таҷдиди роҳ, рафъи пайомади бориши борон, омадани сел, лағжиши куҳпора, соҳилмустаҳкамкунӣ самти асосии фаъолият аст.

Месазад ёдовар шавем, ки дар давоми фаъолият IRS зиёда аз 2 миллион метри квадратии роҳи Душанбе-Чаноқро таъмиру азнавсозӣ намуда, бо ин мақсад зиёда аз 250 ҳазор тонна асфалт сарф кардааст. Илова бар ин, нигоҳдорӣ ва азнавсозии 58 кӯпруки ин масир бо хароҷоти зиёд амалӣ гардида, 3 пули калон, ки дарозии ҳар кадомаш аз 42 то 73 метр аст, пурра азнавсозӣ шудаанд.

Бамаврид аст зикр намоем, ки дар масире, ки роҳи Душанбе-Чаноқ ҷойгир аст, ягон корхонаи истеҳсоли асфалт ва дигар масолеҳи сохтмонии барои бахши роҳсозӣ зарур вуҷуд надошт. Тӯли фаъолияти филиали Ширкат дар минтақаи Варзоб 2 завод, Зарафшон - 2, Суғд - 3 завод, дар маҷмуъ 7 корхона мавриди истифода қарор гирифтанд. Бо мақсади таъмини фаъолияти муназзами заводҳои мазкур харидории битум ва бо тавсеа ёфтани таъмиру азнавсозии роҳ, бартарафсозии тармаҳо, соҳилмустаҳкамкунӣ ва ғайра харидории сӯзишворӣ хеле афзуда, ҳар сол ҳаҷми зиёди ин мавод дастрас мешавад.

Ҳамасола тамоюли афзоишро касб намудани офатҳои табиӣ хароҷоти филиали Ширкатро низ зиёд намуд. Соли 2012-ум 551128 метри мураббаъ тарма бартараф шуда, ин нишондиҳанда соли 2013 - 216444, 2015 - 190564, 2016 - 126204, 2017 - 779730, 2018 - 103606, 2019 - 274030, 2020 - 241374, 2021 - 85042 ва соли 2022-юм 172350 метри мураббаъ мебошад. Бартарафсозии тармаҳо дар маҷмуъ ба 2988896 метри мураббаъ баробар аст.

Бо назардошти дар минтақаи аз лиҳози ҷуғрофӣ душвори куҳистон ҷойгир будани роҳи Душанбе-Чаноқ, коркарди он бо маводи зиддилағжиш мунтазам, аксар маврид шабона низ бояд амалӣ шавад. Бинобар ин, харҷи ин мавод низ сол то сол афзуда, дар ин муддат маводи зиддилағзиши харҷшуда 105431 метри кубиро ташкил медиҳад.

Айни замон филиали Ширкат соҳиби пойгоҳи пуркуввати техникӣ буда, шумораи техникаву механизмҳо ба 224 адад расидааст. Дар оянда зиёд намудани он мадди назар аст, зеро бе техникаву механизмҳои муосир тибқи талабот роҳандозӣ намудани фаъолият ғайримимкон аст.

Бо мақсади дар сатҳи баланд пеш бурдани фаъолият тӯли мавҷудият 134 иншоот, аз ҷумла, пойгоҳ барои экспертҳо, анбор барои нигоҳдории маводи зиддилағжишу дигар масолеҳ, сеҳҳои истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо, иншооти зидди-тармавӣ сохта шудаву мавриди истифода қарор гирифтанд.

Соли 2009 кормандони филиали ширкат ҳамагӣ 24 нафар буданд. Ҳоло бошад, 872 нафар фаъолият доранд. Дар маҷмуъ, зиёда аз 50000 нафар ба шарофати мавҷудияти филиали ширкат манбаи даромад доранд. Мутаассифона, дар ин муддат 10 корманди IRS ҳангоми ичрои вазифа, яъне бартарфсозии пайомади тармафарӣ ва таъмини ҳаракати бехатари шаҳрвандон ҳалок шуданд.

Ҳодисаҳои ғайричашмдошти табиӣ дар роҳи Душанбе-Чаноқ хеле зиёд буда, роҳ мунтазам зери хавфи офатҳои табиӣ қарор дорад. Масалан, фаслҳои баҳору тобистон баландшавии сатҳи оби дарёҳои шафати роҳ зиёд буда, баъзе қисматҳои роҳ осеби ҷиддӣ мебинанд. Аз ин лиҳоз, соҳилмустаҳкамкунӣ зиёд амалӣ шуда, дар маҷмуъ, нишондиҳандаи марбут ба он 45891 метри мураббаъ аст.

Муҳим он аст, ки ба шарофати корҳои амалишуда аҳли ҷомеа зарурати фаъолияти ширкати зикршударо дарк карданд. Арзи сипоси ронандагону мусофирон, қаноатмандии роҳбарони сохторҳои давлатӣ, баҳои баланди меҳмонони хориҷӣ солҳои охир ба падидаи маъмул табдил ёфта, аҳли IRS-ро беш аз пеш руҳбаланд месозанд.

Б. НЕЪМАТУЛЛО
Акс аз Ф. ФАЙЗУЛЛОЗОДА

▸▸ *Фарҳанг*



“БУХОРО” БЕҲТАРИН ИНТИХОБ ШУД

Озмуни «Беҳтарин тарабхона дар шаҳри Душанбе», ки бо қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо мақсади рушди соҳибкорӣ, дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон, беҳтаргардонии сифати хизматрасонӣ ва муаррифии фарҳанги меҳмоннавозӣ роҳандозӣ шуда буд ҷамъбаст гардид.



Ғолиби даври шаҳрии Озмун тарабхонаи «Бухоро» дониста шуд. Роҳбари ин тарабхона бо ҷоизаи пулӣ, ҷом ва диплому туҳфаҳои хотиравии мақомоти шаҳри Душанбе сарафроз гардонида шуд. Ҳамзамон, Тоҷиддин Ҷалолов дар номинатсияи “Беҳтарин менеҷер”, Курочкина Кристина дар номинатсияи “Беҳтарин пешхизмат”, Ғаниев Шавкат дар номинатсияи “Беҳтарин ошпаз” ва тарабхонаи “Форел” дар номинатсияи “Беҳтарин хӯроки хоси тарабхона” ғолиб дониста шуда, бо ҷоизаҳои пулӣ ва сипосномаю туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Намояндагони тарабхонаҳои “Форел”, “Оилавӣ”, “Шарбат” ва “Дидор” бошанд, барои иштироки фаъол бо сипоснома ва туҳфаҳо сарфароз гаштанд.

▸▸ *Ба директори КВД «Обу корези Душанбе» Файзалӣ Раҳмонзода*

МУШКИЛИ БЕОБӢ КАЙ ҲАЛ МЕШАВАД?

Мушкилоти пайваста қатъ гардидани оби нӯшокӣ дар биноҳои баландошёнаи маҳаллаҳои Испечак-2, Зарафшон кай ҳал мешуда боша?

Дар ин маҳаллаҳо, шабона аз соати 12 то 5-и ҳар рӯз об қатъ мешавад. Ба саволи чаро операторони паси телефони ба қавле "доимо фаъол" ҷавоб гуфта наметавонанд. Гоҳ садама мегӯянду гоҳ саривақт пур карда натавонистани обанборҳои захиравиро баҳона пеш меоранд.


Телефонҳои шахсони мансабдори "Обу корез"-ро аз амалгарон дастрас карда бошем ҳам, бенатиҷа, чунки онҳо доимо "хомӯш" ё "аз минтақа берунанд", зеро худ бо об таъминанду парвои ташналабонро надоранд.

Ин хунукназарӣ нисбати сокинони шаҳр то ба кай давом мекарда бошад? Вақти он расидааст, ки масъулон аз хоби гарон хеста, мушкили мардумро осон намоянд!

Ҳаётулло ХОЛОВ,
сокини Душанбе



МАСҶИДИ “ИМОМИ АЪЗАМ - АБУҲАНИФА НУЪМОН ИБНИ СОБИТ”
аз забони рақамҳо



Масҷид 178 дар дорад, ки 40 адади он аз чӯби чормағз сохта шудааст.

1. **Гузоштани санги асоси масҷид:** 5-уми октябри соли 2009 зимни бузургдошти 1310-солагии асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ - Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит
2. **Ифтитоҳи расмии масҷид:** 8-уми июни соли 2023
3. **Оғози корҳои сохтмонӣ дар масҷид:** 5-уми октябри соли 2011
4. **Ҳудуди масҷид:** 12 гектар
5. **Бинои масҷид:** 3 гектар ва 3 даромадгоҳи калон
6. **Имконияти ғунҷоиш:** 133 ҳазор намозгузор дар як вақт. Аз ин шумора 43 ҳазор намозгузор дар дохили масҷид ва боқимонда дар гирду атрофи он ҷой мегиранд.
7. **Масоҳати ошёнаи якуми бино:** дар маҷмуъ 18444 метри мураббаъ
8. **Дохили толорҳо:** 14000 метри мураббаъ. Бо қолини истеҳсоли ватанӣ қолинпӯш гардидааст. Дар қисмати ҷанубу ғарби толори намозгузории калон меҳроб ҷойгир шудааст.
9. **Масҷид иборат аст аз:** 4 манора бо баландии 74 метр, ду манораи хурди ороишӣ бо баландии 21 метр, гумбази зебову мунаққаши калон бо баландии 43 метр ва 17 гумбази хурд бо баландии 35 метр
10. **Дохили масҷид:** 6 синфхонаи барҳаво, толори қабули меҳмонон ва гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо, 2 китобхона, 9 ҳуҷраи корӣ, 3 меҳмонхона
11. **Намои берунаи бинои масҷид:** 62393 метри мураббаъ. Масоҳати 33963 метри мураббаъ бо мармари сафед оро ёфтааст.
12. **Ду тарафи даромадгоҳи масҷид:** таваққуфгоҳ барои 500 воситаи нақлиёт
13. **Барои ороиши масҷид истифода шудааст:** 6630 метри мукааб кошин ва 2800 метри мукааб мармари сиёҳ

Зикри хайр

МУАЛЛИМИ АВВАЛИНИ МАН



Абдуҳомид Сангинов. Ин ном ҳамрадифи номҳои муқаддас аст. Хат ёд додану ҳарфи савод бар даҳон гузоштан амсоли аллаи модару ҳидояти ӯ ба роҳгардӣ сарнавиштсоз аст.

Абдуҳомид Сангинов - муаллими аввалини ман дар қатори Бобо Раҳимов, Шарифи Наврӯз, Шукурмурод Шодиев, Маҳмадраҷаб Ҷӯраев, Отабердӣ Разоқов, Муртазо Гадоев, Икром Исрофилзода, Иссомиддин Худойдодов, Қудрат Баракатзода, Мақсатулло Бобоев, Илёс Ғафуров, Шукрулло Файзуллоев, Мирзоҳомид Воҳидов ва дигарон (худудан 100 нафар) омӯзгорони дараи Киштӯд (ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ), ки солҳои сиюми асри XX барои маҳви бесаводӣ ба водии Хатлону Рашту Ҳисору Дарвоз сафарбар шуда буданд, бароям шахси муқаддас ҳастанд. Устоди ман дар ахлоқ ҳамида ва дар ирода сангин буданд. Тоқии чоргули тоҷикӣ рамзи устод буд. Аз хамгашти кӯчаи мактаб аввал тоқии он кас пайдо мешуд, сипас қомати қариб думетраашон. Баробари аз тирезаи мактаб дидани тоқии он кас, мо ҳамсинфон худро паси миз мегирифтем. На аз тарс, аз рӯйи эҳтиром. Дар мактаби ба номи Рӯдакии деҳаи Кулолӣ солҳои мактабхонии ман ду синфи 1 буд. Ба яке устод Абдуҳомид Сангинов (синфи 1 “А”), ба дигаре устод Бобомурод Ҳоҷиев (синфи 1 “А”) дарс медоданд. Ба ҳадде рақобат миёни ин ду синф сахт буд, ки устодон дар мактаб ба истилоҳ рӯзашонро шабу шабашонро рӯз мекарданд.

Боре устод Сангинов Абдуҳомид дар синф барои хати беҳтарин ҷоиза эълон карданд. Ҷоиза қаламручкаи қирмизӣ буд. Шояд барои шогирдони макотиби имрӯз ин ҷоиза ночиз ва хандаовар бошад. Аммо он замон барои мо мукофоти олӣ буд. Мо ҳамсинфон рӯйи замин, рӯйи коғаз, тахта..., ҳар кучо, ки рост меомад, машқи хат мекардем. Ин озмун сабаб гашт, ки то охири сол синф хондану навиштанро ёд гирифта буд. Барои ҷамъбасти озмуни хат устод волидонро низ ҷалб карда буданд. Рӯзи охири соли таҳсил устод дар даст қаламручка бо роҳбари синфи “А” Бобомурод Ҳоҷиев вориди синф шуданд. Синф сокит гашт. Дидаҳо ба устод дӯхта шуданд. Устод мисли он ки бори дигар моро месанҷида бошанд, ба ҳар кадомамон дақиқ назар меандохтанд. Ин як лаҳза бароямон баробар ба як умри одамӣ буд.

- Ғолиб Ҳамдамов Шариф!,- гуфтани устод маро чун тири аз камон ҷаста аз парта ҷудо кард.

Ин аввалин ва беҳтарин мукофоти ман баъд аз таваллуди фарзандон буд.

Аз хурсандӣ дар курта намеғунҷидам. Қаламручкаро дар кисаи пеши пироҳани аз матоъи тик дӯхтаи модарам гузошта, бо ифтихор дар кӯчаҳои деҳа қадам мезадам. Ҳамсинфонам ва хонандаҳои синфи “А” бо рашк ҷонибам менигаристанд. Ин аввалин ғалабаи ман буд. Шояд баъдтар соҳиби мукофоту ҷоизаҳои зиёд гаштам, аммо онҳо ҳама лаззати ширинии қаламручкаро, ки аз дасти аввалин устодам Абдуҳомид Сангинов гирифта будам, надоштанд.

Мо ҳамсинфон баъд аз фориғтаҳсилӣ мисли парандаҳо аз лонаи худ ҷудо шудем. Ман донишҷӯй шудам. Соле як маротиба ба деҳа меомадам. Ҳар боре, ки ба деҳа меомадам, устод дар хонаи мо ҳозиру нозир буданд. Он кас ба ҳамдеҳагон нигариста, мегуфтанд:

- Ҳамдамов шогирди беҳтарини ман!

Баъдан, пас аз марги падару модар омадани ман ба деҳа камтар шуда бошад ҳам, баробари пой ба зодгоҳ гузоштан, муаллими нахустинамро суроғ мекардам ва ба дидори муборакашон шарафёб мешудам. Гоҳо он касро дар лаби дунгии ҳавлиашон болои курсии чӯбӣ нишаста дармеёфтам. Ғубори вақт дар чеҳраи пурожангашон нишаста буд. Аз шодӣ бо мушкилот ба истиқболи шогирд аз ҷой мехестанд ва гарм ба оғӯш мегирифтанд.

- Шогирдам омад,- мегуфтанд.

Мавзӯи суҳбати мо маориф буд. Афсӯс мехӯрданд, ки эътибори муаллим коста гаштааст. Устод қисса мекарданд, ки замони омӯзгории он кас муътабартарин, доротарин кас дар деҳа муаллим буд. Муаллим, ки меомад, пиру ҷавон аз ҷой мехестанд ва ба истиқболаш даст пеши бар мебурданд. Аммо ҳоло чӣ? Муаллим муҳоҷири меҳнатӣ! Муаллим...

Имрӯз устоди азизам Абдуҳомид Сангиновро ба хок месупоранд!

Руҳашон шоду ҷояшон ҷаннат бошад!

Шариф ҲАМДАМПУР

ОСОИШГОҲИ РОЙГОН БА ОМӮЗГОРОН

Наздик ба 250 омӯзгори макотиби Суғд давраи таътили тобистонаро дар осоишгоҳҳо мегузаронанд. Харҷи маблағи истироҳати омӯзгорон аз ҳисоби МИҲД-и вилояти Суғд пардохт мешавад.

"Ба он омӯзгороне, ки давоми соли таҳсил дар ҷалби бештари хонандагон ба озмуну олимпиадаҳо саҳми назаррас гузоштаанд, инчунин омӯзгорони макотибе, ки натиҷаи дохилшавии шогирдонашон ба донишгоҳҳои кишвар назаррас аст, барои истироҳати 12-рӯза ба осоишгоҳ роҳхат дода мешавад",- гуфт манбаи мо аз Раёсати маорифи вилоят.

ДИЛБОХТАИ КАСБ

Омӯзгори синфҳои ибтидоии гимназияи давлатии «Ҳиммат»-и ноҳияи Муъминобод Назарова Зайнаббӣ 25 сол аст, ки насли наврасро дар руҳияи меҳанпарастӣ тарбия менамояд.

“Вазифаи омӯзгор таълиму тарбияи инсони комил барои ҷамъият аст. Ҷомеа бе шахсони доною тарбиятдида пеш нахоҳад рафт”,- мегӯяд номбурда.



Воқеан, меҳнати муаллим шабеҳи меҳнати боғбон асту шогирдон дар боғи донишу маърифат камол ёфта, ба воя мерасанд. Муаллим мисли заргаре аст, ки фулӯзотро суфта карда, зебо мегардонад, ки дар ин кор заҳмату меҳнати зиёд сарф месозад.

Ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки дар баробари таълими босифат ба хонандагон, ҳамчунин ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар руҳияи инсондустӣ тарбия намудани насли навраси кишвар аҳамияти хоса зоҳир намояд. Зайнаббӣ Назарова аз ҷумлаи чунин омӯзгорон аст. Ӯ дар корҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ низ намунаи ибрати дигар ҳамкасбонаш дар ноҳия ба ҳисоб меравад.

Ҳиҷронбии АБДУЛЛО,
рӯзноманигор,
н. Муъминобод

Ҳунар

ФАРҲАНГИ НОМГУЗОРӢ

Чаро садҳо номи ориёӣ ба арабӣ табдил мешаванд?

Ниёкони озодаву бомаърифатамон дар номгузории пайвандонашон масъулияти бузургеро эҳсос мекарданд.

Аз ин рӯ зимни ин маросим бо ахтаршиносону мубадону фозилон машварату маслиҳат ороста, ҳатман бо ният ва ба хотири касе ё чизе фарзандашонро соҳибном мекарданд.



Дар гӯши навзод азон гуфтан низ баргирифта аз суннатҳои ниёгони мост, яъне баробари ояте аз “Авасто” номи навзод низ дар гӯшаш зикр мешуд. То Ислом суннате буд, ки ба навзод ду ном гузошта, якеро ошкоро ва дигариро ниҳонӣ дар гӯши кӯдак мегуфтанд. Ҳаким Фирдавсӣ номгузории Ширӯя - писари Хусравро чунин ба қалам додааст:

Набуд он замон расми
бонги намоз,
Ба гӯши чунин парварида
чу ноз.
Яке ном гуфти мар ӯро падар,
Ниҳонӣ дигар, ошкоро дигар.
Ниҳонӣ бигуфтӣ ба
гӯш андарун,
Ҳамехонд ошкоро аз бурун.

Ба гӯш-андарунаш ном
гуфто Кубод,
Ҳамехонд Ширӯи
фаррухнажод...

Мавриди таъкид аст, ки номҳои зебое ба монанди Рустаму Сухробу Сиёвушу Ҷамшеду Фаршеду Ардашеру Дорюшу Меҳрнушу Озару Орашу Таҳминаву Гурдофариду Гурдияву Манижаву... маҳз тавассути "Шоҳнома" паҳну пареш шуда, то ба мо расида, пайвандгари асрҳову наслҳо гардидаанд. Дар ин асар, ки бешак, таърихномаву фарҳангномаи миллат аст, аз забони Рустам - сипаҳсолори Яздгирд зимни ҳуҷуми аъроби бодиянишин таъкид менамояд, ки ба дифоъи марзу бум бархезед, вагарна беватану бефарҳангу ҳатто беном мемонем:

Чу бо тахт минбар
баробар шавад,
Ҳама ном Бубакру
Умар шавад!

Дареғу дард, ки тайи ду даҳсолаи охир зери таъсири чалламулоҳои мутаассиб ё фанат садҳо номҳои ориёӣ ба номҳои арабӣ табдил шуданд ва ҳоло ҳам идома дорад. Ҳатто баъзеашон бо тавсияи "пирҳояшон" зимни бадали ном чорво ҳам забҳ мекунанд.

Аз сари инсоф бояд бигӯем, ки хушбахтона, номҳои зебову гӯшнавози Ориё-Тоҷикӣ ҳам ба гӯш мерасанд ва таманно мекунем, ки то бод, чунин бодо!

Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР
(Ориёмеҳр ЗАРДУШТ)

Ҷавонмардӣ

ЯК КОРИ ХАЙРИ АҲМАД ЗОҲИР

Пиразане дар шаҳри Алиободи Афғонистон сарсону саргардон буд. Писараш мубталои бемории вазнин буд. Дар шифохона барояш дорую дармони зиёде навиштанд, ки тавони харидориро надошт. Нархи табобати фарзандаш наздики 15 ҳазор доллар буд.



Пиразан аз дорухона ноумеду малул берун шуд. Дар назди дар ҷавонмарди зебоеро вохӯрд. Ҷавонмард дарди дили пиразанро пурсид. Ӯ ҳам арзи дил кард. Ҷавонмард ба доруфурӯш амр дод, ки дорую даворо бидиҳад ва маблағи табобати писари пиразанро пардохт кард. Писари пиразан шифо ёфт.

Пас аз чанде марги фоҷиавори Аҳмад Зоҳири ширинсадо ҷомеаи Афғонистонро ба ларза овард. Пиразан дар акс он ҷавонмардро шинохт. Он наҷотдиҳанда Аҳмад Зоҳир буд.

Ҳар рӯзи ҷумъа вақте хонум Фахрия ба сари қабри шавҳараш Аҳмад Зоҳир меомад, он пиразанро он он ҷо медид...

Нурулло ҲАСАНОВ,
журналист



ДИАБЕТИ ҚАНД

Чаро ҳар гирифтори бемории қанд бояд бо худ **ГЛЮКОМЕТР** дошта бошад?

Диабети қанд. Солҳои охир сафи гирифторони ин беморӣ зиёд мешавад ва илми тиб дар роҳи табобати он талош меварзад. Бино ба маълумоти оморӣ, ҳоло дар Тоҷикистон беш аз 55 000 нафар мубталои бемории диабети қанд буда, дар байни онҳо кӯдакон низ ҳастанд.

Аз паёмаду роҳҳои муолиҷа то тарзи дурусти табобату интихоби асбоби санҷиши қанд дар суҳбат бо Амриддин Абдураҳмонов, мудири шуъбаи муолиҷавии Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологии Вазорати т андурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон.

- Дар оғоз бигӯед, ки бемории диабети қанд чист ва чӣ нишонаҳо дорад?

- Диабети қанд бемории эндокринӣ - мубодилавӣ аст. Сабабҳои он норасоӣ ё таъсир накардани инсулин бо нишонаҳои гипергликемияи давомнок ва вайроншавии ҳама намудҳои мубодила ва иллатҳои полиорганикӣ мебошад. Нишонаҳои он ташнагӣ, хушкшавии даҳон (беобии даҳон), пешобкунии зиёд, кам шудани вазни бадан, хориши пӯст, қамкувватӣ, хасташавӣ мебошанд. Дар як қатор ҳолатҳо вайроншавии мубодилаи моддаҳо ҳангоми диабети қанд ба ҳолати беҳушии диабетӣ, яъне кома оварда мерасонад.

- Оё рост аст, ки диабети қанд сабабгори маъюбшавӣ ва марги бемор мегардад? Пас, дар ҳолати пешгирӣ накардан, он чӣ паёмад дорад?

- Бале, асосан бемории дилу рагҳо дар байни беморони диабет зиёд аст. Дар миёни беморони ишемикии дил 10-20%, фишорбаландон 60% гирифтори касалии қанд ҳастанд. Аз рӯи омор, эҳтимолияти гирифтори сактаи қалб шудани беморони диабети қанд 3-4 маротиба зиёдтар мебошад. Диабети қанд метавонад сабаби нобиноӣ гардад. Бемории қанд сабабгори пайдо шудани намудҳои гуногуни касалии гурда мешавад.

- Оё диабети қанд ба синну сол вобастагӣ дорад?

- Бале. Миёни то 15-солаҳо 5% ва миёни аз 40-сола боло 80%-ро ташкил медиҳад. Паҳншавии диабет бештар миёни калонсолон ва шахсони фарбеҳ аз 4 то 30 маротиба зиёд аст.

- Диабети қанд чанд намуд дорад?

- Диабети қанд 2 намуди асосӣ дорад. Якум, инсулинвобаста (диабети қанди инсулинвобаста, навъи 1) ва дуюм, инсулинновобаста (диабети қанди инсулинвобаста, навъи 2).

Дар баробари ин, намудҳои махсуси диабети қанд вуҷуд доранд. Масалан, диабети ҳомиладорон, ки нишонаҳои клиникӣ ё ташхисӣ, ё ин ки ВТГ (вайроншавии тобоварӣ ба глюкоза) дар занҳои ҳомила дарёфт мешаванд.

- Сабабҳои пайдоиши диабети қанд кадомҳоянд?

- Омилҳои асосии барангехтани пайдоиши диабети қанд пурхӯрӣ, истеъмоли зиёди ширинихо, асабоният, стресс, сироятҳои вирусӣ, тағйирёбиҳои синну соли бадан, атеросклероз ва бемории фишорбаландӣ мебошанд.

- Барои пешгирӣ аз оризаҳои ин беморӣ чӣ бояд кард?

- Барои пешгирии диабети қанд ҳаёти солим доштан, бартараф намудани омилҳои дар боло зикршуда зарур аст. Ҳамчунин лозим аст, ки пайваста аз назорату ташхиси духтурон гузаред. Яке аз муҳимтарин чорабиниҳои пешгирии диабети қанд роҳ надодан ба фарбеҳӣ ва табобати фарбеҳӣ мебошад. Онҳое, ки нишонаҳои диабети қанд доранд, бояд аз тачҳизоти глюкометр пайваста истифода намоянд, то ки ба пайдоиш ва авчи бемории қанд роҳ надиҳанд.

Дар оилаҳое, ки хатари ирсии диабет вуҷуд дорад, бояд истеъмоли ғизоҳое, ки аз карбогидратҳо бойанд, кам карда шавад. Бояд ғизои солим, яъне табиӣ истеъмол шавад. Барои бармаҳал муайян намудани шаклҳои беморӣ бояд миқдори қанди хуни хешони наздики бемор низ санҷида шавад.

Ҳамчунин, барои пешгирии диабети қанди навъи 1 ва 2 рецаи оқилонаи хӯрок муҳим мебошад.

Хӯрокро на кам аз 4 маротиба дар як рӯз истеъмол кардан лозим аст. Аз истифодаи зиёди равған ҳам бояд парҳез кард.

Истеъмоли машруботи спиртӣ манъ аст.

Дар маҷмуъ,
- **обутоби бадан;**
- **мубориза бо камҳаракатӣ;**
- **пешгирии сироятҳои вирусӣ;**
- **ғизои солим**

роҳҳои пешгирикунии инкишофи диабети қанд мебошанд.

ТАВСИЯ БА БЕМОРОНИ ДИАБЕТИ ҚАНД:
- **таҳти назорати табибон будан;**
- **ба хушкии даҳон, сустшавии пойҳо, заифии чашм, фаъолияти гурдаю шуш диққат додан.**

Муоинаи ҳармоҳа метавонад барои ошкор намудани оризаҳои диабети қанд дар марҳилаи аввал ва пешгирии инкишофёбии онҳо мусоидат намояд. Беморони диабети қанд бояд аз рӯйи тавсияҳои табибон амал кунанд. Парҳезро дар сурати беморӣ фаромӯш накунанд.

Гуфт дарвеш: Ин ҳама
ҳаққ асту лек,
Ҳар кӣ бемор аст, гӯ,
парҳез нек.

Аммо худсарона парҳез кардан ҳам кори дуруст нест. Аз маслиҳати духтур бояд бархӯрдор буд. Шахси бемор бояд тарзи истифодаи Инсулин ва глюкометрро донад.

Хасташавии аз ҳад зиёд, асабоният, ҳамчунин сарбории аз ҳад зиёди ҷисмонӣ метавонанд ба ҳолати саломатӣ зарар расонида, ба коҳиши қанд оварда расонанд. Нақши асосӣ барои пешгирии оризаҳои беморӣ ба худи бемор тааллуқ дорад.



Намояндаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти "Diama Medical Factory Co. LTD"

ХУШХАБАР

ҶДММ “Тибтаҷҳизот” бо яке аз ширкатҳои бунуфузи истеҳсоли глюкометр дар ҷаҳон - Diama Medical Factory Co. LTD ҳамкориро ба роҳ мондааст. Ҳадаф аз ин ташаббуси ширкати “Тибтаҷҳизот” ворид намудани технологияи навтарини тиббӣ, аз ҷумла глюкометр барои ҳифзи саломатии аҳолӣ аст. **ГЛЮКОМЕТРИ** навъи **«Perfect 61»** бо тамғаи **«Sukkar»** дастгоҳи инноватсионӣ буда, глюкозаро дақиқ месанҷад ва дар идора кардани диабети қанд кумак мерасонад. Барои истифодаи дурусти глюкометр ва аз куҷо дастрас намудани он ба рақамҳои телефони

- **93-560-0019,**
- **905-22-62-46,**
- **777-11-18-17 (табиби машваратчӣ)**

занг занед.

Мағозаи фирмавии ҶДММ “Тибтаҷҳизот” дар кӯчаи Б. Ғафуров, 3-юм гузаргоҳ, маҳаллаи 84-ум, назди тарабхонаи “Тайга” ҷойгир аст. **ГЛЮКОМЕТРИ НАВЪИ «PERFECT 61» БО БРЕНДИ “SUKKAR”-И ДАВЛАТИ АРАБИСТОНИ САУДӢ АРЗОНУ БОСИФАТ АСТ.**

Бахши молия барои рушди ҳар як шаҳру ноҳия бахши муҳим ба ҳисоб рафта, самаранокии фаъолияти дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин менамояд. Дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон ба ин бахш таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад.



НОҲИЯИ ДӮСТӢ: БА БАХШИ МОЛИЯ ТАВАҶҶУҲ ЗИЁД АСТ



Саиднизомиддин Самадзода, сардори Раёсати молияи ноҳияи Дӯстӣ

Буҷети маҳаллӣ

Бино ба иттилои сардори Раёсати молияи ноҳияи Дӯстӣ С. Самадзода, буҷети маҳаллии ноҳияи Дӯстӣ барои соли 2023 бо Қарори Мачлиси вакилони халқи ноҳияи Дӯстӣ аз 27-уми декабри соли 2022, №212 бо қисми даромад аз ҳисоби андозҳои вобасташуда ва танзимшаванда ба маблағи 48109840 сомонӣ, маблағҳои мақсаднок (субвенсия) аз буҷети вилоят ба буҷети маҳаллии ноҳия барои мувозинати қисми даромад ва харочоти буҷети маҳаллии ноҳия дар соли 2023 ба маблағи 28430410 сомонӣ, қисми харочот ба маблағи 77200313 сомонӣ, касри буҷет ба маблағи 660063 тасдиқ гардидааст.

- Бояд қайд намуд, ки фонди музди меҳнати солонаи ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия бо нарзардошти маблағҳои фонди ҳифзи иҷтимоӣ 64970760 сомонӣ ё ин ки 84 фоиз ҳаҷми умумии қисми харочоти буҷети маҳаллиро дар соли 2023 ташкил медиҳад,- афзуд ӯ.

Зикр гардид, ки аз тарафи Раёсати молияи ноҳияи Дӯстӣ бо мақсади иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва дар мадди аввал маблағгузорӣ намудани моддаҳои ҳимояшавандаи харочоти музди меҳнат маблағчудокунӣ барои суғуртаи иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, ёрдампулӣ, ҷубронпулӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ равона гардидааст.

Ҷамъоварии самараноки андоз

Ба гуфтаи С. Самадзода, дар панҷ моҳи соли 2023 баҳри ғанигардонии буҷети маҳаллӣ аз манбаҳои иловагӣ, ҷамъоварии андозҳо самаранок иститофода бурда, нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ бо тағйироту иловаҳо аз ҳисоби андози ягона 97 фоиз таъмин гардида, ба буҷети маҳаллии ноҳия ба ҷои 1658540 сомонии ба нақша гирифташуда 1614125 сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбати нақшаи пешбинигардида 44415 сомонӣ кам мебошад.

Аз ҷумла, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба ҷои 4630945 сомонии нақша 4351946 сомонӣ ё ин ки 94 фоиз, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ба ҷои 2335726 сомонии нақша 4472371 сомонӣ ё ин ки 191 фоиз, андоз аз арзиши иловашуда ба ҷои 1353030 сомонии нақша 396525 сомонӣ ё ин ки 29 фоиз, андоз аз моликияти ғайри манқул ба ҷои 6481405 сомонии нақша 6724780 сомонӣ ё ин ки 104 фоиз, андоз тибқи низоми соддакардашуда ба ҷои 3369743 сомонии нақша 3086661 сомонӣ ё ин ки 92 фоиз, андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ ба ҷои 188992 сомонии нақша 147052 сомонӣ ё ин ки 78 фоиз, андоз аз соҳибони воситаи наклиёт ба ҷои 1183292 сомонии нақша 1192208 сомонӣ ё ин ки 101 фоиз, боҷи давлатӣ ба ҷои 364392 сомонии нақша 404761 сомонӣ ё ин ки 111 фоиз, дигар пардохтҳои маҳаллӣ ба ҷои 599886 сомонии нақша 684109 сомонӣ ё ин ки 114 фоиз иҷро шудааст.

Маблағҳои мақсаднок ва ҳисоббаробаркуниҳо

Тавре зикр гардид, дар маҷмуъ қисми даромади буҷети маҳаллӣ бо назардошти маблағҳои мақсаднок ва ҳисоббаробаркуниҳо 103 фоиз таъмин гардида, ҳамзамон ба буҷети маҳаллии ноҳия аз ҳисоби маблағҳои мақсаднок (субвенсия)-и вилоят 11201275 сомонӣ ворид гардидааст, ки 100 фоизи иҷроиши нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Нақшаи қисми харочоти буҷети ноҳия дар панҷ моҳи соли 2023-юм 98 фоиз иҷро гардида, ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия ба маблағи 30341071 сомонӣ маблағгузорӣ карда шудаанд.

Аз ҷумла, соҳаҳои ҳокимият ва идоракунӣ ба ҷои 1356354 сомонии нақша 1323615 сомонӣ ё ин ки 98 фоиз, мудофиа ба ҷои 273154 сомонии нақша 246495 сомонӣ ё ин ки 90 фоиз, маориф ба ҷои 20879688 сомонии нақша 21067711 сомонӣ ё ин ки 101 фоиз, тандурустӣ ба ҷои 7008652 сомонии нақша 6349672 сомонӣ ё ин ки 91 фоиз, ҳифзи иҷтимоӣ ба ҷои 184437 сомонии нақша 204153 сомонӣ ё ин ки 111 фоиз, хоҷагии манзилию коммуналӣ ба ҷои 21733 сомонии нақша 188329 сомонӣ ё ин ки 87 фоиз, фарҳанг ва варзиш ба ҷои 667376 сомонии нақша 644357 сомонӣ ё ин ки 97 фоиз, хоҷагии қишлоқ ба ҷои 139230 сомонии нақша 104990 сомонӣ ё ин ки 75 фоиз, нақлиёт ва коммуникатсия ба ҷои 63333 сомонии нақша 60000 сомонӣ ё ин ки 98 фоиз, дигар намуди харочот ба ҷои 15092 сомонии нақша 14784 сомонӣ ё ин ки 98 фоиз иҷро шудааст.

Фонди захиравӣ

Гуфта шуд, ки дар панҷ моҳи соли 2023 фонди захиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ ба андозаи 0,5 фоиз аз ҳаҷми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2023 ба маблағи 240549 сомонӣ пешбинӣ гардида, дар асоси талаботҳои “Тартиби ташкил ва истифодабарии маблағҳои фонди захиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳал”, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2011, №602 тасдиқ гардидааст.

Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ бо қарори раиси ноҳия ба соҳаи мақомоти роҳбарикунанда 100592 сомонӣ ва ба соҳаи фарҳанг ва варзиш 46260 сомонӣ равона гардидааст.

Даромади буҷет

Ба гуфтаи ҳамсуҳбатамон, бинобар сабаби зиёд будани нақшаи қисми харочот нисбати даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар панҷ моҳи соли 2023 барои пӯшонидани қисми харочот аз буҷети вилоят маблағҳои мақсаднок 11201275 сомонӣ пешбинӣ гардида, дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи 11201275 сомонӣ ё ин ки 100 фоиз аз худ карда шуда, маблағҳои воридшуда аз ҳисоби буҷети вилоят пурра барои музди меҳнат ва фонди ҳифзи иҷтимоии кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия равона карда шудааст.

Тавре зикр гардид, аз тарафи Раёсати молияи ноҳия барои зиёд намудани даромади буҷети маҳаллӣ, пурра ва босифат ҷамъоварӣ кардани андозҳои давлатӣ ва сари вақт пардохт намудани музди меҳнат ва фонди нафақа, инчунин ба буҷет ворид намудани бақияпулиҳо ва пешгирӣ намудани пайдоиши бақияпулиҳои нав гурӯҳҳои корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони нозироти андози ноҳия фаъолият намуда, баҳри барҳам додани бақияпулиҳои андоз, хусусан андози иҷтимоӣ ва пешгирӣ намудани бақияпулиҳо бо ташкилоту идораҳо кор бурда истодаанд.


- Ба ҳолати 1-уми январи соли 2023 бақияпулиҳои андоз 5437899 сомониро ташкил медод, ки дар натичаи андешидани чорабиниҳои дахлдор чиҳати аз байн бурдани бақияпулиҳои андоз дар панҷ моҳи соли ҷорӣ, бақияпулиҳо ба маблағи 399603 сомонӣ кам карда шуданд. Дар давраи ҳисоботӣ харочоти маблағҳои буҷетӣ аз рӯи гурӯҳбандии вазифавии буҷет асосан барои музди меҳнат, нафақа ва ҳиссачудокунии суғуртаи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Қарздорӣ аз ҳисоби музди меҳнат ва фонди ҳифзи иҷтимоӣ дар ташкилоту муассисаҳои аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда дар давраи ҳисоботӣ вучуд надорад,- мегӯяд сардори Раёсати молияи ноҳияи Дӯстӣ С. Самадзода.

Машраби АЛОВИДДИН

МУБАЛЛИҒИ ЗАБОНИ АДАБӢ

Ёде аз профессор Ҳомид Маҷидов

Доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов, ки соли равон зодрӯзашонро бидуни худашон қайд мекунем, дар рушди илми забоншиносии тоҷик, махсусан таҳқиқи фразеология ва лексикаи забони тоҷикӣ саҳми назаррас доранд ва аз худ мактаби хосаи илмӣ ба мерос гузоштаанд...



60 сол дар илму маориф

Профессор Ҳ. Маҷидов дар системаи илму маорифи мамлакат собиқаи беш аз 60-сола доштанд. Эшон фаъолияти меҳнатии худро соли 1955 ба сифати муаллими синфҳои ибтидоӣ шуруъ карда, солҳои 1956-1961 донишҷӯйи Университети давлатии Тоҷикистон мешаванд. Соли 1961 баъд аз хатми донишгоҳ бо «дипломи сурх» ба вазифаи ассистенти кафедраи забони ҳозираи тоҷикии он ба кор қабул шуда, соли 1968 дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунанд. Солҳои 1967-1973 дар вазифаи муаллими калон ва солҳои 1973-1995 ба ҳайси дотсенти кафедраи забони ҳозираи тоҷик кор кардаанд. Мавсуф солҳои 1982-1983 барои анҷоми рисолаи докторӣ ба вазифаи ходими калони илмӣ гузаронида мешаванд. Бо супориши ҳокимияти вақт дар солҳои 1985-1988 ноиби раиси Донишкадаи омӯзгории забон ва адабиёти рус оид ба таълим буданд. Соли 1995 дар мавзуи «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» рисолаи докторӣ дифо мекунанд. Соли 1996 ба вазифаи профессори кафедраи забони тоҷикӣ интихоб шудаанд. Аз соли 1996 то вопасин рӯзҳои умр профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буданд. Солҳои 2002-2005 мудирии кафедраи номбурдаро бар уҳда доштанд.

Роҳкушо

Мавриди тазаккур аст, ки илми фразеология ҳанӯз дар нимаҳои дуюми асри XX ба расмият шинохта шуда бошад ҳам, роҷеъ ба бисёр масъалаҳои он ягон ақидаи пурраи эътирофшуда мавҷуд набуд. Чунончи, нисбат ба доираи тадқиқ, ҳаҷми ин фан, воҳидҳо ва категорияҳои он фикрҳои гуногуну гоҳе аз ҳамдигар ба пуррагӣ фарқкунанда вуҷуд доштанд. Ин аст, ки муҳаққиқи ҷавонро, ки акнун ба омӯхтани мушкилоти фразеологияи забони тоҷикӣ ба тариқи ҷиддӣ машғул шуда буд, лозим меомад, то доир ба бисёре аз чунин масъалаҳои бечавоб худ ҷавоб пайдо кунад, ақидаи муназзами худро дошта бошад. Чунин кӯшишҳои аввалини ӯро мо дар мақолаҳои солҳои 60-и ӯ «Баъзе масъалаҳои фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» (с. 1966) ва «Аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ» (1967), ки баъдан ба рисолаи номзадии ӯ ҳамчун бандҳои ҷудогона ворид шуданд, мушоҳида карда метавонем. Муҳаққиқ дар ин асарҳо ҷаҳд кардааст, ки дар баробари муқаррар намудани мавзуи баҳси ин фан, ҳадду ҳудуди ҳаҷм ва воҳидҳои онҳоро низ муайян созад, вале саволҳои бечавоб дар ин мавзуъ ҳанӯз ҳам хеле фаровон буданд. Ҷустуҷуҳои солҳои 70-и асри гузашта ба ӯ имкон доданд, ки ба тадқиқи бисёре аз масъалаҳои ин мушкилот бо диду назарияҳои нав мурочиат намоянд. Чунончи, маҳз дар ҳамин солҳо эшон зарбулмасал ва мақолҳоро аз доираи фразеология ҷудо мекунанд, дар доираи воҳидҳои сирф фразеологӣ се қолаби сохторӣ - таркибҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои устуворро таҷзия намуда, таснифи семантикии онҳо - идиомаҳо, фраземаҳо ва ифодаҳои ғайриидиоматикиро ба вуҷуд овардаанд. Натиҷаи чунин ҷустуҷуҳо, ки дар мақолаҳои «Ҷумлаҳои фразеологӣ» (1978), «Таркибҳои фразеологӣ» (1980), «Фарқи воҳидҳои фразеологӣ аз зарбулмасал ва мақолҳо» (1982), «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб» (1982) ва боз бисёр дигарҳо сабт гардида буданд, баъдан ба китоби он кас - «Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» (1982) ворид мегарданд.

Луғатшинос

Ҳарчанд профессор Ҳ. Маҷидов дар забоншиносии тоҷик беш аз ҳама бо мушкилоти фразеология машғул шуда, дар ин ҷода се китоб ва зиёда аз 70 мақолаҳои ҷудогонаро ба табъ расонида бошанд ҳам, дар бахшҳои дигари он низ тадқиқотҳои шоёнро ба анҷом расонидаанд. Бахусус, ҷустуҷуҳои мавсуф дар танзими илми луғатшиносии тоҷик, ба низом даровардани бахшҳои таркибӣ, муқаррар намудани анвои воҳидҳои он; ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами сарфу нахв, савтиёт ва тарҳандозиву меъёрсозии системаи забони адабии муосир ҷолиби диққатанд.

Сарфи назар аз он ки ба масъалаҳои луғатшиносии тоҷик якчанд дастурҳои хурди таълимӣ ба чоп расида буданд, аввалин тадқиқоти ҳамаҷонибаро дар ин бобат устоди мо анҷом додаанд. Дар як силсила мақолаҳое, ки солҳои 90-и асри гузашта дар маҷаллаи «Мактаби советӣ» ба табъ расонидаанд, мавзуи баҳси луғатшиносӣ, моҳияти лингвистии воҳидҳои луғавии забони тоҷикӣ, хосиятҳои муҳимтарини калимаҳои забонамон ва масъалаҳои дигари ба онҳо алоқаманд тадқиқ шудаанд. Баъдан ин ҳама мақолаҳо бо тасҳеҳу иловаҳо дар шакли китоби алоҳида бо номи «Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ» (2007) ба табъ расидаанд.

Забон дар меҳвари сиёсат

Аз назари профессор Ҳ. Маҷидов масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик - тарҳандозии сиёсати давлатии мамлакат оид ба забон, меъёрсозӣ ва анвои меъёрҳои истеъмолии забони адабӣ, ҳусни баёни тоҷикӣ ва усулҳои ҳифзи каломи солим низ берун намондаанд. Дар силсилаи мақолаҳои «Оид ба баъзе майлонҳои номатлуб дар забони адабии муосири тоҷикӣ» (2003), «Забони адабии тоҷик ва меъёрҳои луғавии он» (2005), «Эҳтироми забони давлатӣ арҷгузорӣ ба миллат аст» (2011), «Фасоҳати сухан ва интихоби маънои дақиқ» (2012), «Меъёрҳои истеъмолии забони адабии муосири тоҷик» (2013), «Системаи забони муосири тоҷикӣ: қонуниятҳои мавҷудият ва амалкард» (2012), «Забони адабии муосири тоҷик ва сатҳҳои он» (2013), «Қонуни мутобиқат ва усулҳои мутобиқгардонии иқтибосоти русӣ» (2014), «Истиқлол ва забони давлатӣ» (2014), «Масъалаҳои мубрами сотсиолингвистикаи тоҷик» (2015), ки ҳамовозии аҳли зиёро ба вуҷуд оварданд, масъалаҳои сохтмони забони адабии сирф тоҷикӣ, меъёрҳои устувори истеъмолии савтию аксентологӣ, сарфию калимасозӣ, луғавию маъноӣ, фразеологӣ ва нахвии он; махсусиятҳои асосҳои ҳусни баёни тоҷикӣ, ҷалб намудани таваҷҷуҳи аҳли зиё ба мавзуи тозагии забон ба миён гузошта шудаанд.

Методисти маъруф

Профессор Ҳ. Маҷидов аз ҷумлаи методистони маъруфи забони тоҷикӣ дар системаи мактабҳои олии кишвар ба шумор мераванд. Маҳз эшон таълими луғатшиносӣ ва таъбиршиносии тоҷикии шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллиро дар он пояе, ки имрӯз вуҷуд дорад, ба низом даровардаанд. Бо ташаббус ва пофишориҳои мавсуф дар айёми дуру дарози омӯзгорӣ як силсила фанҳои забоншиносӣ - луғатшиносӣ, таъбиршиносӣ, маъношиносӣ, сабкиёти луғавӣ ва фарҳангсозии фразеологии сирф тоҷикӣ ба маънои пурра ба системаи таълими филологии тоҷикӣ ворид карда шуданд. Китобҳои дарсии «Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» (1982), «Таълими фразеологияи забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ» (1980) (дар ҳаммуаллифӣ), «Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ» (2007) бо муҳтаво, тарзи овардани маводи таълимӣ, усули пайдарҳамии ифодаи фикр аз дастурҳои дигари дар ин мавзуъ мураттабшуда ба куллӣ фарқ намуда, на фақат дар байни шогирдони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчунин донишҷӯёни мактабҳои олии дигари мамлакат шуҳрат доранд.

Устод Ҳ. Маҷидов ҳамчунин барои муаллимони мактабҳои миёна дар таълими масъалаҳои луғат ва таъбироти тоҷикӣ зиёда аз 50 мақолаҳои илмиву методиро дар саҳифаҳои маҷаллаҳои «Мактаби советӣ», «Маърифат», «Маърифати омӯзгор» ва «Русский язык и литература в таджикской школе» ба табъ расонидаанд. Мавсуф ҳамчунин мураттиби «Барномаи забони адабии муосири тоҷикӣ» (2005), «Барномаи услубшиносии забони тоҷикӣ» (2005) ва «Барномаи асосҳои ҳусни баён» (2005) мебошанд, ки дар асоси нақшаҳои таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф гардидаанд.

Зиндаву ҷовид

Профессор Ҳ. Маҷидов дар баробари таҳқиқоти илмӣ устоду омӯзгори сахтгир ва мураббии ғамхор низ буданд. Тӯли солҳои зиёде ба донишҷӯёни факултаҳои филология, шарқшиносӣ ва журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултаи филологияи руси Донишкадаи давлатии омӯзгории забон ва адабиёти рус ва факултаи англисии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон аз фанҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ ва фразеологияи муқоисавии забонҳои англисиву тоҷикӣ дарс гуфтаанд. Таҳти роҳбарии ӯ 8 нафар рисолаҳои номзадиашонро бо муваффақият дифо намудаанд.

Хидматҳои профессор Ҳ. Маҷидов аз ҷониби Ҳукумати кишвар тақдир шудааст. Устоди зиндаёди мо бо медали «Собиқадори меҳнат» (1988), нишони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1995) ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (1997) мукофотонида шудаанд.

Имрӯзҳо тӯли як сол мешавад, ки устод Ҳ. Маҷидов бо мо нестанд, вале арзиши шахсият ва заҳматҳои илмии эшон ҳамеша дар ёди шогирдон ва ҳаводорони илми забоншиносии тоҷик ба таври ҳамешагӣ бокӣ мемонад.

М. МУЗОФИРШОЕВ,
Ҳ. ДӮСТЗОДА,
М. ҲАЙДАРОВ,
Н. ХУДОЁРОВА,
Б. АЛОВИДДИНОВ,
М. ҲАСАНОВ,
М. ХОЛОВА,
устодони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ

САМБО

ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ ВА УҚЁНУСИЁ 13 МЕДАЛ ГИРИФТАНД

Дастаи мунтахаби самбои Тоҷикистон дар Чемпионати самбои Осиё ва Уқёнусиё миёни варзишгарони биноияшон суст, наврасон, ҷавонон, калонсолон ва устодон, ки аз 7 то 11-уми июни соли равон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд, 13 медал (1 тилло, 3 нуқра ва 9 биринҷӣ) ба даст оварданд.



Дар мусобиқаи самбо байни варзишгарони биноияшон суст беш аз 600 варзишгар аз 30 кишвар иштирок карданд. Варзишгарони тоҷик дар мусобиқоти мазкур ҳунар ва маҳорати худро бахри мухлисони намуди самбо нишон дода, медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ ба даст оварданд.

Варзишгарон Шоҳрух Назаров дар вазни то 79 кг медали нуқра, миёни наврасон Анӯшервон Назарзода дар вазни то 58 кг медали тилло, Абдулло Қурбонов дар вазни то 71 кг медали нуқра ва Муҳаммад Саидзода дар вазни то 64 кг ба гирифтани медали биринҷӣ ноил гардиданд.

Байни ҷавонон Мусохон Ғаниев дар вазни то 79 кг медали нуқра, Мусаниф Миробов дар вазни то 58 кг бо Умар Мирзоев дар вазни то 64 кг ва Мухсин Малаев дар вазни то 88 кг ба гирифтани медалҳои биринҷӣ сазовор шуданд.

Байни мардҳо Сорбон Латипов дар вазни то 64 кг, Деваштич Убайдӣ дар вазни то 79 кг, Зафар Олимшоев дар вазни то 88 кг, Бахтовар Замиров дар вазни то 98 кг ва Бобоҷон Бобоев дар вазни +98 кг медалҳои биринҷӣ ба даст оварданд.

ФУТЗАЛ

ДУ БОХТ ВА ЯК МУСОВИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ МИЛЛАТҲОИ АРАБ-2023

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон, ки дар Ҷоми миллатҳои Араб-2023 ширкат мекунад, дар ду бозӣ шикаст хӯрд ва як вохӯриро бо натиҷаи мусовӣ анҷом дод.



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба футзал таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар бозии аввалини худ аз дастаи Либиё бо натиҷаи 1:2 мағлуб шуд. Дар бозии дуюм Арабистони Саудӣ ба дарвозаи Тоҷикистон 8 голи бечавоб зад. Шогирдони Воҳидов бозии ниҳоии худро дар Ҷоми миллатҳои Араб-2023 бо Алҷазоир бо ҳисоби мусовӣ (2:2) анҷом доданд. Дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон голҳоро Идрис Ёров ва Муҳаммаҷон Шарифов заданд.

Дар бозии дигари гурӯҳ дастаи мунтахаби Либиё бар Арабистони Саудӣ бо ҳисоби 5:3 пирӯз шуд. Ҳамин тавр дастаи мунтахаби Либиё бо шаш имтиёз дар гурӯҳи «А» якум шуд. Алҷазоир бо 5 имтиёз дар зинаи дуюм ҷой гирифт. Арабистони Саудӣ бо чор имтиёз мавқеи сеюм ва дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо як имтиёз мавқеи охиринро ишғол кард.

Ҳамин тавр, Ҷоми миллатҳои Араб-2023 барои дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон хотима ёфт.

ҶУДО

ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ГРАНД СЛАМИ ҚАЗОҚИСТОН ШИРКАТ МЕКУНАНД



Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар ҳайати 10 нафар дар Гранд Слами Қазоқистон иштирок мекунад.

Мусобиқаи навбатии Сайри ҷаҳонии ҷудо дар Остона 16-18-уми июн бо иштироки беш аз 300 варзишгари 43 кишвар баргузор мешавад. Аз ҷумла Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 10 варзишгар дар байни мардҳо, аз ҷумла Муҳаммадсолеҳ Қувватов (дар вазни -60 кг), Мехрзод Суфиев (дар вазни -60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ (дар вазни -66 кг), Обид Ҷебов (дар вазни -66 кг), Шодмон Ризоев (дар вазни -81 кг), Сомон Маҳмадбеков (дар вазни -81 кг), Умедҷон Рачабов (дар вазни -90 кг), Исроил Раҳимов (дар вазни -100 кг), Темур Раҳимов (дар вазни +100 кг) ва Шакармамад Мирмамадов (дар вазни +100 кг) намояндагӣ мекунанд.

Фонди умумии ҷоизаҳо 150000 евроро ташкил медиҳад. Ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 5000 евро, барандагони медали нуқра 3000 евро ва медали биринҷӣ 1500 евро ҷоизапулӣ дарёфт мекунанд.

ФУТБОЛ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН БОЗИҲОИ ҶОМИ ОСИЁРО ШУРУЪ КАРДАНД

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) ҷамъомади таълимиву тамриниро дар Бангкок анҷом дода, ба шаҳри Чонбури рафт, то ду бозии аввалро дар даври ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 анҷом диҳад.



Ба ҳайати ниҳоии дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон барои иштирок дар Ҷоми Осиё-2023 23 бозингар (3 дарвозабон, 7 ҳимоятгар, 8 нимҳимоятгар ва 5 ҳамлагар) шомил шуданд.

Дар Ҷоми Осиё-2023 байни наврасон, ки аз 15-уми июн то 2-юми июл дар Тайланд баргузор мешавад, дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои Чин (16-уми июн), Арабистони Саудӣ (19-уми июн) ва Австралия (22-юми июн) бозӣ менамояд. Дастаи мо ду вохӯрии аввали марҳилаи гурӯҳиро дар Чонбури ва бозии даври охиринро бо дастаи Австралия дар Бангкок мегузаронад.

Бар асоси натиҷаҳои Ҷоми Осиё-2023 байни наврасон чор дастаи беҳтарин соҳиби роҳхат ба Ҷоми ҷаҳон-2023 мешаванд.

РЕЗААХБОР

Аз 25 то 30-юми июн дар шаҳри Душанбе Чемпионати якуми Осиё дар намуди кушти-гирӣ баргузор мешавад. Дар назар аст, ки дар ин мусобиқа варзишгарони 30 кишвари ҷаҳон ширкат кунанд. Кушти миллии тоҷикӣ аз моҳи декабри соли 2022 мақоми байналмилалӣ гирифт.

***



Футболбози маъруфи аргентинӣ Леонел Месси дастаи "ПСЖ" аз Фаронсаро тарк кард. Ӯ ҳамчун футболбози озод бо дастаи «Интер Майами» аз Амрико, ки сармураббии ин даста Дэвид Бекҳэми маъруф аз Британиё аст, шартнома баст. Дастаҳои «Барселона» аз Испания ва «Ал-Ҳилол» аз Арабистони Саудӣ мехостанд Мессиро ба даст оранд, аммо Лео «Интер Майами»-ро интихоб кард. Шояд ӯ аз ин даста ба тариқи иҷора ба «Барселона» баргардад.

***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар оғози мусобиқаи CAFA Nations Cup-2023 дар Тошканд бо тими миллии Туркманистон мусовӣ (1:1) кард. Аз ҳайати дастаи Тоҷикистон голро Нуриддин Ҳамроқулов зад. Тоҷикистон дар гурӯҳи А боз ду бозии дигар бо дастаҳои Умон ва Ӯзбекистон дорад.

***



Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) таҳти роҳбарии Далер Каёсов омодагиҳоро ба мусобиқаи интихобии Ҷоми Осиё-2025, ки моҳи октябри соли оянда баргузор мешавад, оғоз кард. Даста ба Алмаато сафар карда, бо дастаи наврасони Қазоқистон ду бозии рафиқона мегузаронад. Ин вохӯриҳо рӯзҳои 16 ва 19-уми июн дар қароргоҳи тамринии дастаҳои мунтахаби Қазоқистон воқеъ дар Талғар баргузор мешаванд.

БОЗДОШТИ РОҲБАРИ СОБИҚИ “ТОҶИК ЭЙР”

Прокуратураи генералӣ боздошти Рустам Холиқов, директори собиқи ширкати “Тоҷик Эйр” ва Фурудгоҳи байналмилалии Душанберо расман тасдиқ кард ва гуфт, ки ӯ дар ҳабс қарор дошта, нисбаташ парванда боз шудааст.

Ин ниҳод тасдиқ кардааст, ки ӯ расман 25-уми май боздошт шуда, ба баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва исрофкорӣ ба миқдори калон гумонбар аст. Эҳтимол аз 912 то 2700 нишондиҳанда ҷарима ё аз 5 то 15 соли зиндон дода мешавад. Ин бори дувум аст, ки Р. Холиқов аз сӯи мақомот боздошт мешавад.

18 СОЛ БА ҲАМДАСТИ МУХОЛИФИН

Додгоҳи вилояти Суғд як зани 42-солаи сокини шаҳри Исфараро барои ҳамкорӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ дар Тоҷикистон ва қасди куштори ду фарзандаш 18 сол рабонаи зиндон кард.

Ин зан Муҳиба Давронова, сокини Ворухи Исфара буда, аз майи 2022 то январи 2023 бо созмони “Паймони миллӣ”, аз ҷумла барномаҳои “Ислоҳ.нет” ҳамкорӣ кардааст.

Ҳамчунин, ӯ ба он гунаҳкор аст, ки бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ корхона ва муассисаҳои давлатиро ба телефони мобилияш сабт карда, наворро ба сомонаи “Ислоҳ нет” ирсол мекард.

9-уми январ номбурда баъди даъват ба суд бо қасди куштори худ ва ду ноболиғаш доруи “марги муш”-ро аввал худаш хӯрда, баъд ба фарзандонаш мехӯронад.

2022: 69 НОБОЛИҒ ДАСТ БА ХУДКУШӢ ЗАДААНД

Идораи Омбудсмени кӯдак мегӯяд, ки соли 2022 дар Тоҷикистон 69 ноболиғ даст ба худкушӣ задаанд. Ин омор нисбати соли 2021 чор маврид камтар аст. Аз ин шумора 38 нафар писар ва 31 нафар духтар будаанд. 6 ноболиғ бемори руҳӣ буда, 63 мавриди дигар маълум нест. Ҳар сол садҳо нафар дар Тоҷикистон ба ҷони худ қасд мекунанд. Баъзе аз онҳо ҳамроҳи худ кӯдаконашонро низ ба об мепартоянд ё меовезанд. Сабаби асосии худкуширо бетаваҷҷуҳии волидон, бехабар будан аз ҳолу дунёи онҳо ва маҳрум будан аз навозишу меҳрубонӣ мегӯянд.



Додситони кулли ҶИЭ Муҳаммадҷаъфар Мунтазирӣ бо Прокурори генералии ҶТ Юсуф Раҳмон Аҳмадзод



Раҷаббой Аҳмадзода ҳангоми пешвози Муҳаммадҷаъфар Мунтазирӣ



Сафири Тоҷикистон дар Туркия Ашрафҷон Гулов бо Прокурори генералии Туркия Бекир Шоҳин

АЗ ВОХӮРИИ ДОДСИТОНИ ЭРОН ТО ДОДСИТОНИ ТУРКИЯ

Шоми 8-уми июн Додситони кулли Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадҷаъфар Мунтазирӣ бо сафари корӣ дар Тоҷикистон қарор дошт. Ӯ бо Прокурори генералӣ ва раиси вилояти Суғд дидор кард.

Зимни суҳбат бо раиси вилоят ҷонибҳо дар бораи густариши робитаҳои дӯстонаи Эрону Тоҷикистон мубодилаи афкор намуданд. Ҷонибҳо аз муштаракони фарҳангӣ ёдовар шуда, омодагии худро барои густариши равобит изҳор доштанд ва барои тақвияти муносиботи дӯстона ишора карданд.

Пеш аз ин додситонҳои ҳарду кишвар истирдоди ҷинояткорон ва бозпас додани маҳкумшудаҳоро баррасӣ карданд. Инчунин ба мувофиқа расидаанд, ки вобаста ба вазъи Афғонистон барои мубориза бо терроризм ҳамкорӣ хоҳанд кард ва ба ҳамдигар «маълумоти фаврӣ» хоҳанд дод.

Ҳамчунин, вохӯрии сафири Тоҷикистон дар Туркия Ашрафҷон Гулов бо Прокурори генералии Туркия Бекир Шоҳин доир гардид. Ҷонибҳо маҷмӯи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро мавриди баррасӣ қарор доданд.

ТАЪСИСИ “ШАҲРИ БЕХАТАР” ДАР ШВКД-И НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Дар ШВКД-и ноҳияи И. Сомонии пойтахт маркази хурди назорат ва идоракунии «Шаҳри бехатар» таъсис ёфт, ки дар маросими ифтитоҳи он сардори Раёсати ВКД-и шаҳри Душанбе, генерал-майори милитсия Бароталӣ Ҳамидзода, муовинони сардори Раёсат ва сардорони шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои пойтахт ширкат намуданд.

Чуноне иттилоъ дода шуд, дар марҳилаи аввал дар ин марказ 74 адад камераҳои назорати босифату замонавӣ насб карда шуда, маконҳои ҷамъиятӣ зери назорату корбарии доимӣ қарор дода мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи «Шаҳри бехатар» минбаъд низ такмил ёфта, дар марҳилаи навбатӣ тамоми маконҳои ҷамъиятии шаҳри Душанбе бо камераҳои босифат таҷҳизонида шуда, дар ШВКД-и ҳар як ноҳия чунин марказҳои хурди назоратбарӣ таъсис дода мешаванд.





ОДАМРАБО 12 СОЛ ГИРИФТ

Суди Олии Тоҷикистон Ҷамолиддин Расулов, раиси собиқи ширкати “Ҷамол-2012”-ро бо гуноҳи қочоқи инсон ва сохтакории ҳуҷҷатҳо ба 12 сол зиндон маҳкум кардааст.

Ширкати мазкур шаҳрвандони Тоҷикистонро барои кор ба Арабистони Саудӣ мефиристод. Ҷамолиддин Расулов дар мурофиаҳои додгоҳӣ иттиҳомотро беасос ва дар ҳақаш туҳмат хондааст.

Ҳукм моҳи апрел содир шуда, беш аз 20 зан аз кори маҳкумшуда шикоят бурдаанд. Ҳамаи онҳо аз роҳи фиреб ба дом афтода, ба умеди маоши бехтарин, 8 соати корӣ ба Арабистони Саудӣ фиристода мешуданд. Вале дар асл онҳо 24 соат монанди ғулом кор мекардаанд.

КӢ РОСТ МЕГӮЯД?

Агентии мубориза бо коррупсия як занеро, ки афсари баландрутбаи милисаро ба таҷовузи ҷинсӣ дар утоқи кориаш ва тамаъҷӯй муттаҳам мекунад, бо худи ӯ ва наздиконаш рӯ ба рӯ бозпурсӣ кард.

Шаҳло Давлатова, сокини Хуҷанд мегӯяд, ки Дилмурод Шодизода, сардори Шуъбаи тафтишотии РВКД Хуҷанд аз ӯ дар ивази қатъи парвандаи ҷиноятӣ $30 ҳазор ситонида ва як бор дар утоқи кориаш таҷовуз кардааст.

Ин зан бо гуноҳи “доллар-фурӯшӣ” ноябри соли 2022 ба 4 сол маҳкум шуда, се кӯдак дорад ва иҷрои ҳукм то замони ҳаштсолагии кӯдаконаш ба таъхир андохта шудааст. Ш. Давлатова дар аризааш саҳнаи таҷовузашро, ки гӯё моҳи январ сурат гирифтааст, нақл карда, гуфтааст, бо вуҷуди аз ҳомилагии ӯ хабардор будан, Д. Шодизода ба ӯ дастдарозӣ кард.

ВКД инро "дурӯғ" номида, вале Агентии номбурда тафтишотро шуруъ кардааст.

$23 ҲАЗОР БАРОИ ҚОЧОҚ ХОСТААСТ

Насрулло Садриддинзода, раиси собиқи Суди ноҳияи Ҷ. Расулов ба гирифтани $23 ҳазор ришва гумонбар аст.

"Н. Садриддинзода ва як муфаттиш аз соҳибкоре дар Хуҷанд барои сигори қочоқӣ $23 ҳазор хостаанд. Соҳибкор $20 ҳазорро дода, ба маъмурони Агентӣ мурочиат намуд. Дар амалиёте ҳангоми додани 3 ҳазори боқимонда номбурда дастгир шуд",- нақл мекунад шоҳиди ҳол.

Н. Садриддинзода моҳи феврали соли 2020 ба вазифаи раиси Суди ноҳияи Ҷ. Расулов таъин шуда буд. Пештар дар мансаби муовини раиси Суди ноҳияи Спитамен кор кардааст.



ФИРОР АЗ ГАРМӢ

Киҳо аз нури офтоб бояд пинҳон шаванд?

Имрӯзҳо гармии бесобиқаи ҳаво аҳолии кишварро ба ташвиш овардааст. Мо дар боби чӣ тавр дар ҳавои гарм аз бемориҳо эмин мондан бо духтури оилавӣ Санавбар Отамуродова суҳбати судманде оростем.

- Сароғоз ҳамчун табиб мегуфтед, ки ҳавои гарм бештар ба киҳо таъсири бад дорад?

- Воқеан, имрӯзҳо дар минтақаҳои гуногуни сайёраи Замин гармии бесобиқа ба назар мерасад. Албатта гармии аз меъёр зиёд ба хурду калон бетаъсир нест, аммо бештар ба кӯдакони аз 1 то 5-сола ва пиронсолон, ҳамчунин ба шахсоне, ки ба бемориҳои музмин, аз ҷумла ба касалиҳои дил, аллергия, астма, бемориҳои меъдаю рӯда ва фишорбаландӣ гирифтор ҳастанд, таъсири хеле сахт мерасонад. Азбаски нафарони зикршуда иммунитети паст доранд, ҳавои гарм ҳоли онҳоро бадтар гардонида, боиси хурӯҷ кардани бемориашон мегардад. Имрӯзҳо теъдоди муроҷиаткунандагон бо офтобзанӣ низ хеле афзудааст.

- Чӣ бояд кард, то аз таъсири ҳавои гарм эмин монд?

- Пеш аз ҳама истеъмол кардани оби зиёд муҳим аст, зеро гармии токатфарсои офтоб оби бадани инсонро кам мекунад. Дар гармо нӯшидани шарбатҳои гуногун, чойи лимӯ, оби ҷӯшомадаи хунуккардашуда аз манфиат холӣ нест. Обҳои газнок тавсия дода намешаванд. Зуд-зуд бо оби ширгарм ҳаммом кардан низ зарур аст. Мардум бояд ҳаракат кунанд, ки аз зери шуоъҳои сӯзони офтоб дуртар гашта, дар ҷойҳои соя гаштугузор намоянд. Чатрҳои тобистона доштан аз манфиат холӣ нест. Дар ин гармо кӯдакон, пиронсолон ва беморон бояд кӯшиш кунанд, ки бе зарурат ба кӯча набароянд.

- Ба шахсе, ки аз таъсири офтоб бемор шудааст, чӣ гуна кумаки аввалия расонидан мумкин аст?

- Чунин одамон бояд ба зудӣ ба духтур муроҷиат кунанд. То ба духтур рафтан ё омадани духтур беморро дар ҷойи салқин нигоҳ дошта, об ё нӯшоба додан лозим аст. Бо оби на он қадар хунук сару рӯяшро тар кунанд, фоида дорад. Истеъмоли оби зиёд ба шахси офтобзада муфид аст. Бо воситаи араққунӣ бештари моддаҳои бадан ихроҷ мешаванд, аз ҳамин хотир бо нӯшидани нӯшобаҳо мо бояд ҷойи онҳоро пур кунем.

- Ба гирифторони касалиҳои дил ва фишорбаландӣ чӣ тавсия медиҳед?

- Нафароне, ки бемории дил ё фишорбаландии шараёнӣ доранд, вале мачбуранд, ки кӯча бароянд ё ба ягон ҷо сафар намоянд, тавсия медиҳам, ки ҳатман доруҳои фармудаи табиби худро ҳамроҳашон бигиранд ва доим бо худ оби бегаз дошта бошанд. Либосҳои аз матоъҳои табиӣ дӯхташуда ва сабукро ба бар намоянд.

- Барои кӯдаконе, ки аз гармии ҳаво шикамрав шудаанд, чӣ гуна ёрӣ расонидан мумкин аст?

- Мо ба аксари оилаҳое, ки кӯдаки хурдсол доранд, регидирон тавсия додаем, ки ин барои бемор муҳим аст. Агар регидирон набошад ва роҳи дорухона ё беморхона дур бошаду вақти зиёд талаб кунад, дар ин ҳолат дар як литр об чор қошуқча намак, як қошуқча шакар, аз чор як ҳисса (дар қошуқча) сода андозанд ва то омадани духтур аз ҳамин об кам-кам ба кӯдаки бемор нӯшондан гиранд, барои шикамрав ва офтобзада фоида дорад.

Мусоҳиб:
А. ШОДИЕВ

10 МАНФИАТИ ШАРБАТИ ПОМИДОР

Феълан помидори тару тоза дар бозор зиёд аст. Шумо метавонед аз помидор шарбат (сок) омода карда, нӯши ҷон кунед. Зеро он ҳам ба саломатӣ фоида дорад, ҳам ташнагишикан аст.



Ин ҷо чанд манфиати шарбати помидорро меорем:
1. Иммунитетро баланд мебардорад ва авитаминозро пешгирӣ мекунад.
2. Сатҳи муқаррарии қанди хунро нигоҳ медорад.
3. Токсинҳо ва моеъи зиёдатиро аз бадан хориҷ мекунад.
4. Ҳозимаро беҳтар мекунад.
5. Фишори хунро муътадил мегардонад.
6. Пайдоиши лахтаҳои хунро пешгирӣ мекунад.
7. Муқовимат ба стрессро зиёд мекунад.
8. Ба талафи вазн мусоидат мекунад.
9. Самаранокиро зиёд мекунад.
10. Хавфи пайдоиши варамҳоро коҳиш медиҳад.

Полёънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали моҳи июн имкони ба даст овардани даромади иловагиро пайдо мекунед. Фаъолияти нав қувваи зиёдатонро талаб намекунад. Нафароне, ки ба тағйироти қатъӣ омода ҳастанд, охири ҳафта амал карданашон беҳтар аст.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта иштиҳоятон баста мегардад, вале инро нишонаи ягон беморӣ шуморида, маҷбуран хӯрок нахӯред. Рӯзҳои наздик имкони пулкорро пайдо месозед. Маблағи бадастовардаатон аз фаъолнокии шумо вобастагӣ дорад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҷавзоҳое, ки мошин меронанд, дар ин ҳафта бояд хеле боэҳтиёт бошанд. Бо вуҷуди ба маслиҳати нафаре ниёз надоштанатон, барои ҳарфи оқилонаву кумак изҳори миннатдорӣ кунед, вагарна минбаъд мушкили худро дар танҳоӣ рафъ намудан лозим меояд.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин рӯз аксарият аз дарди оринҷу банди даст ва зонувон азият мекашанд. Ҳатман ба табиб мурочиат кунед ва мустақилона машқи сабуки бадан кунед. Миёнаи ҳафта душвор бошад ҳам, хатоҳои дар гузашта содирнамудаи худро ислоҳ мекунед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта аз танбаливу бекории атрофиён асабатон хароб мегардад. Бо кори зиёд андармон шуданатон хуб аст, вале наздикони худро низ фаромӯш насозед. Миёнаи ҳафта чӣ тавр сарф кардани маблағи худро нафаҳмида мемонед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Рӯзи рӯзро рия кунед. То нимаи шаб кор кардану ба ҷои истироҳат заҳмат кашидан лозим нест. Ҳама кор вақти худро дорад. Ғами саломатии худро хӯрда, ҳама корро пайи ҳам иҷро кунед. Нафареро насиҳату ба коре талқин накунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳар гаперо, ки дар дил доред, ба забон наоред, вагарна чанд нафарро меранҷонед. Миёнаи ҳафта имкони ҳароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Рӯзи ҷумъа чанд хабари ногувор мешунавед. Охири ҳафта барор ҳамсафари шумо мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Тамоми фикру хаёлатон ба шахси дӯстдоштаатон банд гашта, хаёлан дар олами орзуҳо парвоз мекунед. Миёнаи ҳафта дар саломатиятон мушкилӣ сар мезанад. Ба ҳеҷ ваҷҳ бо худтабобаткунӣ машғул нашавед, ин кори хеле хатарнок аст.




Қавс
25.11 - 21.12

Аслан шуморо асабонӣ кардан кори осон нест, вале дар сурати пеш омадани монеаҳо касе наметавонад садди роҳи қаҳру ғазаби шумо гардад. Ҳар хабаре, ки мешунавед, дурустияшро санҷида, ҷонибдори нафаре нагардед, вагарна ба ғалат роҳ медиҳед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Бо вуҷуди беранггу бемаънӣ будани аввали ҳафта шахси дӯстдоштаатон бо туҳфаву армуғонҳояш хотиратонро шод мегардонад. Зуд-зуд ҳавои хонаи худро тоза карда, ҳатман ба сайругашт бароед. Аз рафтан ба ҷойҳои пур аз чанг дурӣ ҷӯед.



Далв
21.01 - 19.02

Рӯзи душанбе барои бартараф намудани мушкили дигарон вақти зиёдеро сарф мекунед. Иқдоматон хуб аст, вале корҳои худро низ ба анҷом расонед. Рӯзи сешанбе аз нафаре туҳфа мегиред. Охири ҳафта табъатон болида мегардаду ба тағйирот омода мешавед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ба ҳоли меъдаи худ раҳм намоед, пайваста аз чизе хӯрдану нӯшидан худдорӣ намоед. Миёнаи ҳафта даромади пулӣ имкон дорад. Хусусан нафароне, ки вақтҳои охир заҳмати зиёд кашидаанд, маблағи хуб ба даст меоранд. Рӯзи панҷшанбе хариди калон мекунед.

МАВЛОНО АЗ ВАХШ АСТ!

(Аввалаш дар саҳ.3)

Мунбасит будему якҷавҳар ҳама,
Бесару бепо будем он сар ҳама.
Як гуҳар будем ҳамчун офтоб,
Бегирех будему софӣ ҳамчу об.
Чун ба сурат омад он нури сара,
Шуд адад, чун сояҳои кунгура.
Кунгура вайрон кунед аз манҷаниқ,
То равад фарқ аз миёни ин фариқ.

Баъзе аз ҳукамои мо ба ин абёт ишора карда, онро ҳамла ба ваҳдати вуҷуди фалсафӣ арзёбӣ кардаанд, вале маҳдуд кардани Мавлоно ба ваҳдати вуҷуди фалсафӣ дуруст нест.

Ақидаҳои ӯро бояд пайванд дод ба ваҳдати вуҷуди инсонӣ ва ҷомеаи башарӣ. Ин абёт комилан табъизи нажодиро маҳкум мекунад. Мегӯяд, эй башар, чаро бо ҳам меҷангӣ, чаро мепарӣ, ки ин яҳудӣ, он масеҳӣ, вай зардуштӣ... Инҳоро канор гузор, зеро мо аз як ҷавҳарем. “Кунгура вайрон кунед аз манҷаниқ”. Кунгура - ин дандонаҳои сари девори қалъа аст. Мегӯяд, ки деворҳое, ки байни инсонҳо ва адён ҳаст, ба сурати кунгура аст ва онро мо бояд ба манҷаниқи ваҳдат вайрон кунем.

Бубинед, Мавлоно бештар такя ба ҳунар дорад. Ҳеҷ шоире ба андозаи Мавлоно ба мусиқӣ ишора накардааст. Дар осори ӯ ҳамаи истилоҳоти мусиқӣ ва ҳамаи созҳои мусиқӣ мавҷуд аст: танбӯру рубобу чағонаву чангу... “Девони Шамс” ва “Маснавии маънавӣ”-ро ман ба як мағозаи седаҳани созфурӯшӣ монанд мекунам, ки кас ҳамаи анвоъи созҳоро пайдо мекунад. Агар муштарӣ он ҷо равад, дасти холӣ барнамегардад. Ё таваҷҷуҳи Мавлоноро ба рақс бубинед. Ӯ рақсро василаи пайванд бо Ҳақ арзёбӣ мекунад. Ва имрӯз ҳунар ниёзи башар аст. Ҳамин омилҳо сабаб мешаванд, ки Мавлоно имрӯз ҳам шоири рӯз бошад.

- Мавлоно сӯфӣ ва ориф аст, вале ба куллӣ аз дигар намояндагони тасаввуф фарқ мекунад. Сабаб дар чист?

- Ирфони Мавлоно мутобиқ бо маданияти ичтимоъ аст. Ирфони Мавлоно ирфони ваҳмӣ нест. Интизории мутлақ ва ваҳдате, ки башар ба он дастрасӣ надорад..., чунин нест ирфони Мавлоно. Ирфони Мавлоно ирфони маданӣ аст. Ӯ як ҳаракати амудӣ дорад ба сӯйи осмон, ба ишқи илоҳӣ, вале он ҷо таваққуф намекунад, дубора бармегардад ва ишқро таксим мекунад ба ҷомеаи башарӣ. Ин чиҳат дар номаҳои Мавлоно бештар эҳсос мешавад. Аксари сӯфиён, аз ҷумла Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Абдураззоқи Кошонӣ мактубҳо доранд, ки дар онҳо сирф масоили маърифатӣ баҳс мешавад. Вақте китоби “Мактубҳо”-и Мавлоноро мехонед, дар онҳо 90 дарсад масоили маданӣ аст, ҳамагӣ 10 дарсад масоили маърифатӣ. Барои мисол, Фалонӣ, ин шахс косиб аст, кумак кунед кораш пешрав бошад, ин одам дар зиндон аст, ёрӣ диҳед, то хонаводааш беғазо намонад, ин одам бекор аст, кумак кунед, кор ёбад.... Чунин аст муҳтавои аксари номаҳои Мавлоно.

Дигар нуктае, ки бояд зикр кунам, он аст, ки Мавлоно ҷое “ман” намегӯяд. Сар то сари осорашро хонед, “ман” нест. Дар “Маснавии маънавӣ“ ҳама ҷо Ҳусомиддин Чалабӣ матраҳ аст, дар “Девони Шамс” ҳама ҷо Шамс аст, дар “Фиҳӣ мо фиҳӣ” ҳама ҷо мардум матраҳ мебошад. Банда зимни мутолиа ҳамеша суол мекунам: “Бобо, ту худат кучоӣ?...”.

Мо магар шоиру гӯянда кам доштем? Зиёд навиштаанд, ҳарфҳои хеле қашанг ҳам гуфтаанд, вале матраҳ нестанд. Чаро каломи Мавлоно матраҳ аст? Барои он ки Мавлоно ниёзи башарро гуфтааст. Имрӯз ҳам нафарони зиёде дар Мавлоно паноҳ мечӯянд. Мумкин аст, аксар мутолиоти амиқ надошта бошанд, вале ҳолу ҳавои Мавлоно ба руҳаш созгор меуфтад ва ҳис мекунад, ки гумшудаашро аз осори ӯ пайдо мекунад.

- Дар боло гуфтед, ки Мавлоно ҷонибдори фирқа набуд, вале тариқати “Мавлавия” фирқаи машҳур аст...

- Тариқати “Мавлавия”-ро худи Мавлавӣ насохтааст. Фарзанди аршадаш Султон Валад зеҳни ташкилӣ дошт. Ӯ гарчанде девони шеър ва рисолаҳо дорад ва одами босаводе буд, гароишаш бештар ҷониби мудирият буд. Мехост ташкилот барпо кунад. Ин аст, ки Тариқати “Мавлавия”-ро бунёд гузошт. Шамси Табрезӣ дар “Мақолот”-аш сареҳан гуфтааст, ки Мавлоно аҳли муридпарварӣ ва фирқапарварӣ нест...

Даъвои Шамси Табрезӣ

- Устод, мо тоҷикон даъвои аз Тоҷикистон будани Шамси Табрезиро низ дорем. Дар деҳаи Шамтучи ноҳияи Айнӣ маконе ҳаст, ки “Оромгоҳи Шамси Табрезӣ” шинохта шудааст ва маҳали зиёрати алоқамандонаш аст...

- Ин фарзия таҳқиқи муфассал мехоҳад.

- Умуман, Шамс кӣ буд?

- Як мавқеъ мегуфтанд, ки Шамс сохтаи тахайюлоти Мавлоност. Вале ин ҳарфи поядор нест. Шамс як шахсияте буд, ки агар Мавлоно матраҳ намекард, аслан касе намешинохт. Ибни Арабӣ дар китобҳояш исми орифони зиёдеро зикр кардааст. Вале аз Шамс сухан намекунад. Бо он ки Шамс дар “Мақолот” чанд ҷо ишора мекунад, ки ман бо Ибни Арабӣ баҳс ва мағлубаш кардам...

- Шамс дар ҳаёати Мавлоно муаммобарангез пайдо мешавад ва ҳамон гуна аз байн меравад.

- Воқеан, на сарнавишташ маълум аст, на мақомаш.

Хоҳам ин бор ончунон рафтан,
Ки надонад касе куҷоям ман.

Ин ки мегӯянд, ӯро овехтанд ва 7 нафар бо корд заданд, афсона аст. Маълум нест. Мазораш ҳам маълум нест.

- Ӯ чӣ ҷозиба дошт, ки Мавлоноро шефтаи худ кард?

- Агар мақолоташро бихонед, то ҷое шахсияташ маълум мешавад. Ӯ одаме буд, ки дар қолаб намеғунҷид. Ба одоби роиҷи хонақо таваҷҷуҳ надошт. Як одами раҳо буд. Албатта, аз назари илмӣ аз Мавлоно хеле поин буд. Аслан, қобили муқоиса набуданд. Вале он чизе, ки ба Мавлоно асар гузошт, раҳоӣ аз қуюд буд. Дар “Мақолот” Шамс мегӯяд, ки ҳар рӯз меравем ва аз Мавлоно дарс мегирем ва ман метавонам “Иъода” кунам. Иъода аз калимаи муъид аст. Инҳо нафароне ҳастанд, ки шогирди заранганд ва метавонанд дарси устодро дубора ба дигарон ироа кунанд. Яъне Шамс барои рушди донишу зеҳнияти Мавлоно таъсиргузор буд гӯем, иштибоҳ мешавад. Ӯ ба Мавлоно раҳоии рухӣ бахшид.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

“ТОҶИКОН” - ФИЛМИ МУСТАНАДИ “ТОҶИКФИЛМ”

Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” доир ба таъриху фарҳанги халқи тоҷик ва саҳми миллати тоҷик дар рушду пешрафти фарҳангу тамаддуни умумибашарӣ таҳия ва наворбардории филми мустанади “Тоҷикон”-ро бо коргардонии Рустам Шоазимов оғоз намуда, наворбардорӣ, бандубаст, танзим, садогузорию оҳансозии филм идома дорад.



Филм бо арқому далелҳо саҳми миллати тоҷикро дар пайдоиш, рушд ва тавсеаи тамаддуни умумиҷаҳонӣ дар пардаи синамо инъикос намуда, таъриx ва фарҳанги оламшумули халқи тоҷикро рӯйи сафҳаи синамо мунаққаш месозад.

“Филм бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ рӯйи кор омада, ҷиҳати муаррифии таъриху фарҳанги миллати тоҷик ба оламиён саҳми бориз хоҳад дошт”, – хабар медиҳад роҳбарияти “Тоҷикфилм”.

Мавлуднома

• 15 ИЮН •

Ардамеҳр (Фотеҳ Абдулло) (1943), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

Шариф Баротов (1933-2005), 90-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Алӣ Бойматов (1948), 75-солагии зодрӯзи забоншинос (англисӣ).

Раҳим Додихудоев (1928-1995), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Ашӯр Достиев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Ҷалол Латифов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Леонид Маҳкамов (1943), 80-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Фазлиддин Муҳаммадиев (1928-1987), 95-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Набӣ Муҳиддинов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Аъзам Пӯлодов (1928-2007), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Ғайратҷон Раҷабов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Ҷумъа Рӯзиев (1938), 85-солагии зодрӯзи меъмор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Толиб Тӯйчиев (1923-1991), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Қиёмиддин Хайриддинов (1943-1993), 80-солагии зодрӯзи сароянда.

- Рӯзи ҷаҳонии донорони хун.

• 16 ИЮН •

Александр Нелипа (1923-1992), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 17 ИЮН •

Анна Кривенок (1918-1997), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 18 ИЮН •

Николай Тимофеев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Алиназар Хоҷаев (1918-1968), 105-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 19 ИЮН •

Михаил Аълоев (1918-1990), 105-солагии зодрӯзи сароянда опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Маннонов Мирзоумед (1938), 85-солагии духтури хизматнишондодаи Тоҷикистон, Аълочии тандурустии Тоҷикистон.

Файзалӣ Ҳасанов (1948), 75-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

• 20 ИЮН •

Шариф Мирзоев (1928), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Наргис (Қурбоной Давлатзод) (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

Саноат Усмонова (1933), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Иззатулло Хол (1938), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Мирзошариф Шодиев (1958), 65-солагии зодрӯзи забоншинос.

Нодир Шанбезода (1908-1990), 115-солагии зодрӯзи шоир.

• 21 ИЮН •

Мунаввара Алибоева (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Владимир Арав (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Зулайхо Бобокалонова (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Баҳодур Зоиров (1953-2014), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

Мирзомурод Қурбонов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Исҳоқҷон Назиров (1923-1971), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Фирӯза Раҳмонова (1968), 55-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлии фурӯшӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳоз, дарову зиндагӣ кун ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои хонандагони аз синфи 1 то 4. Тел.: 987-53-45-75

НИЁЗ ДОРЕМ

► Филиали ТЭЦ-и Душанбе ба ронандаи трактор, экскватор, ронандаи Дулан, челонгар (слесарь), устои таъҳизоти сантехникӣ оид ба таъмири таъҳизоти насос ниёз дорад. Тел.: 222-25-33, 236-18-38.

САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ нест мекунем. Тел.: 904-61-43-34

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Хайдаров Абдулмаджид Абдукодирович, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Турсунзода, к. Румӣ 50, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Абдулов Сайдали, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Нурафзо, хонаи 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста ҳавад.

► Аттестати синфи 11 №0053224 ба номи Раҳматов Ҷумабой Каримбекович, ки соли 2006 аз ҷониби МТМУ №17-и н. Нуробод дода шудааст, эътибор надорад.

► Муҳр ба номи хоҷагии кооперативии тиҷоратии "Рақабали Х", РМА: 200012945 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат), ҶДММ "Соро Компания", тамғаи Миника 1105Ф, №2014447, РМА: 020039670, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии Д22005 ба номи Давлатшозода Аҳлиддин Сафар, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии бинои истиқоматӣ ба номи Артиков Бегмат бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, деҳаи Ҳалқаҷар 39, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Юсупджанова Саодат Тоировна бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Федина, б 35, ҳ. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А4060239 ба номи Имомов Алиҷон Маҳмадалиевич, ки санаи 11-уми майи соли 2006 аз ҷониби ШКД н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А01086118 ба номи Давлатова Фаридабону Абдурахмоновна, ки санаи 21.10.2017 аз ҷониби ШВКД-2-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонӣ ба номи Зиеев Шахром Хикматуллоевич, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0989234 ба номи Сафаргули Маҳмадали, соли таҳсили 2012-2013, ки аз ҷониби МТМУ №7-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-2104, ки аз таърихи 08.09.2009 ба номи Сафарова Садбарг, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Канори 1/1 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк аз 26-уми июни соли 2008, №590, ба номи Саидова Оҷон, ш. Душанбе, бо суроғаи н. Шоҳмансур, к. 6 квартал, Теппаҳои Шарқӣ 150, МБТИ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1106264 ба номи Ёрбеков Камолиддин Комилович, ки санаи 9-уми июли соли 2020 аз ҷониби МТМУ №5-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-956, ки аз 19.06.2014 дар Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Нуруллоев Ҳикмат Сайфуллоевич 1/2 (аз ду як) ҳиссаи хонаи истиқоматии рақами 27 воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи А. Савдо ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 1Ш-562, ки аз 07.05.2020 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Муҳаббатова Комила Муфараховна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур, хонаи 32, квартираи 7 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши бинои таҳти литери 1А/1хп, хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-925, ки санаи 05.06.2021 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Қараев Муҳаммадбек Халилович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 1-гузаргоҳ Улуғбек, хонаи рақами 71 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Дурманов Нурали Зиедулоевич, бо суроғаи к. Телман, гузаргоҳи 1, бинои 7 беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0098414, рақами қайд №3781, ба номи Сулаймонова Зайнура Камолиддиновна, ки соли 2018 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Зодрӯз муборак!

Корманди ШВКД дар ноҳияи Файзобод, прапоршик Собирҷон Қурбонзодаро, ки санаи 27-уми июн зодрӯз доранд, аҳли хонадон ва ёру дӯстон табрик гуфта, бароятшон саломативу умри дароз орзу менамоянд.

Ҳарчӣ мақсуди дилат бошад,
диҳад Парвардигор,
Гар ту як хоҳӣ, Худо диҳад ҳазору
сад ҳазор!

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Communications Analyst (Job ID: 11326/FTA/NOB); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 22 June 2023 NY time (or 23 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Programme Specialist (Job ID: 11405/FTA/NOC); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 26 June 2023 NY time (or 27 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Programme Analyst (Job ID 11341:/FTA/NOA; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 June 2023 NY time (or 24 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **National Project Officer on Water Sector Reform (Job ID: 11372/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 23 June 2023 NY time (or 24 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **National Project Coordinator (Job ID: 11433/NPSA-8); Duty Station: Khujand; Deadline for applications: 27 June 2023 NY time (or 28 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Manager (Job ID: 9472/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 June 2023 NY time (or 28 June 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst (PRC PVE II) (Job ID: 10966/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 26 June 2023 NY time (or 27 June 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.


UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

Судоку


8				5	9	4		
	3					6	8	
				8				2
		2		6	1			
4	1				8			7
		7				5		9
			6				3	1
	4	5	9				2	
	9	6			3	7	5	

4	1				9		5	
	6							
			2			7		6
	5							
		4		5	3	2		8
	2			1		3		
		1		4			6	
3			9					
	8	7			1	9		


Фарқиятро ёбед!



Лабиринт



Сканворд



Алами бепулӣ

Марде ба қабристон рафта, аз тахтасанги як қабр мехонад, ки солҳои умри шахси фавтида 1940 то 2010 будааст, лекин дар санг навишта шудааст, ки ин нафар 20 сол зиндагӣ кардааст.

Ҳайрон мешавад ва аз посбони қабристон мепурсад:

- Чаро ин мард 20 сол умр дидааст? Бояд 70 сол умр дида бошад. Дар қабри дигаре низ 24 сол навиштагӣ, лекин дар асл 75 сол зиндагӣ кардааст. Инро чӣ хел фаҳмем?

Посбон мегӯяд:

- Дар ин ҷо танҳо солҳои пулдориашонро ҳисоб кардаанд.

Мард мегӯяд:

- Ин тавр бошад, баъди мурданам дар санги қабри ман нависед, ки "Таваллуд нашуда, мурд"!

Тоқат

Ду мард дар дохили мошин дар ҳавои гарми тобистон бо тирезаҳои маҳкам мераванд. Ҳавои мошин чунон гарм аст, ки тоқат кардан ғайриимкон аст.



Мусофир ба ронанда мегӯяд:

- Дӯстам, тирезаро кушо, охир нафасам гирифт...

Ронанда дар ҷавоб мегӯяд:

- Тоқат кун, чӯра, бигзор ҳама фикр кунанд, ки мо ҳам кондитсионер дорем!

Сержант

Сарбоз ба майор мегӯяд:

- Рафиқ майор, ман ба рутбаи сержант ниёз надорам.

Майор ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Ҳар як сарбоз бояд орзуи сержант шуданро дошта бошад, чаро шумо чунин мегӯед?

Сарбоз мегӯяд:

- Вақте ман арақ менӯшам, худамро генерал ҳис мекунам, рафиқ майор!

Ифтихори миллат

Марде аз писари ҳамсоя мепурсад:

- Ҳа, Илҳомҷон, имсол ҳам аз облава гурехтӣ?

Илҳом дар ҷавоб:

- Бале, амак.

Мард ин дафъа бо истеҳзо мегӯяд:

- Э қандата зан, Тоҷикистон бо чунин ҷавонони тездаваш мефахрад.

Гугл

Донишҷӯе аз гугл суол мекунад:


- Окей гугл, ба ман маслиҳат деҳ, мошини «Мерседес» гирам ё BMW?

Гугл дар ҷавоб мегӯяд:

- Донишҷӯйи муҳтарам, шумо худатон аз вайфайи ҳамсоя ба интернет пайваст мешаведу аз ман дар бораи «Мерседес» мепурсед...

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Хайрият падарам занам дод…

Бо Хилватшоҳи Маҳмуд ва шоиру рӯзноманигор Иззатманд Саломиён суҳбат доштем, ки аз он тарафи роҳ Кароматуллоҳи Исмон ба наздамон омад. Вай ба назари мо хеле лоғар шуда буд. Баъди салому алейк Иззатманд аз ӯ пурсид:

- Кароматуллоҳ, ин қадар хароб шудаӣ, магар зани дуюм гирифтӣ?

Кароматуллоҳ хандиду гуфт:

- Устод, зани дуюм аз куҷо? Ҳоло агар ҳамон якторо ҳам раҳматии падарам бисту чанд сол пеш намедод, як умр бе зан мегаштам.

Писари ман шояд геолог шавад

(Аз нақли Мумин Аҳмадӣ)

Модарам ҳангоми суҳбат аз Каёнуш - писари панҷсолаам шикоят карда, гуфт:

- Писарат ҳар рӯз дар рӯи ҳавлӣ бо бел чуқурӣ мекобад. Дар чуқуриҳои кандааш поям печида, меафтам. Агар белро пинҳон кунем, аз кучое ӯ оҳан ёфта, чуқуриҳои нав мекобад. Дар ҳавлӣ ҷои обод намонд.

Ман ҳамчун падар бо пуштибонӣ аз писар ин амали ӯро ба ояндааш рабт дода, гуфтам:

- Модарҷон, шояд писари ман оянда геолог шудан мехоҳад, монеъ нашавед, бигзор кандан гирад.

Гӯшии телефонро ба Каёнуш доданд. Гуфтам:

- Бачам, чаро дар ҳавлӣ чуқурӣ меканӣ?

Гуфт:

- Дада, туалети инҳо дур аст, барои худ туалети наздиктар меканам.

Занкрот

Соли 2002 буд. Ҳангоми кор дар шаҳри Маскав 1 маркази савдоро ичора гирифта, қариб ду сол машғули савдо шудам, вале кор ҳеҷ пеш нарафт ки нарафт. Баъд аз талошҳои зиёд, ниҳоят маркази савдоро супорида, ба Ватан баргаштам ва ба дасти падарам, нисбат ба солҳои қаблӣ, хеле пули кам дода, гуфтам:

- Дадаҷон, имсол корҳо омад накард ва ман банкрот шудам, барои ҳамин бо пули кам омадам.

Падарам, ки аз забони касе гӯё аз зангирии ман дар Маскав огоҳ шудаанд, гуфтанд:

- Бачаҷонам, аз рӯи шунидаҳои ман, ту банкрот не, занкрот шудай.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА